Шӯро оид ба ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварии гендерӣ дар назди Торағаи (Раиси) Жогорку Кенеши (Парлумони) Ҷумҳурии Қирғизистон	Ба такмили заминаи қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон дар доираи ваколатҳои қонунгузории Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон мусоидат мекунад: - ба татбиқи равишҳои гендерӣ ва принсипи таъмини манфиатҳои олии кӯдак дар сиёсати миллӣ ва барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи кӯдакон ва занон мусоидат менамояд; - ба мақомоти давлатӣ дар иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон, кӯдакон ва баробарии гендерӣ, аз ҷумла уҳдадориҳое, ки аз Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон, Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак бармеоянд, кумак мерасонад.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

2.2 Тоҷикистон

2.2.1 Шарҳи миллӣ: вазъи баробарии гендерӣ

Кӯшишҳои Тоҷикистон дар самти пешбурди баробарии гендерӣ дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ, ки қисми зиёди он дар деҳот зиндагӣ мекунанд, амалӣ мегарданд. Тибқи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020, аҳолии кишвар 9,66 миллион нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора тақрибан 4,76 миллион нафарашон занон мебошанд. Деҳот тақрибан аз чор се ҳиссаи аҳолии умумиро дар бар мегирад: 7,12 миллион нафар сокинон – аз ҷумла 3,50 миллион нафар занон – берун аз марказҳои шаҳрӣ зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо дастрасӣ ба хизматрасониҳо, имкониятҳои иқтисодӣ ва дастгирии институтсионалӣ ба таври назаррас нобаробар боқӣ мемонад. Ин динамикаи демографӣ заминаеро фароҳам меорад, ки сиёсати гендерӣ бояд дар он татбиқ гардад ва аҳаммияти махсуси вокуниш ба эҳтиёҷот ва маҳдудиятҳои занони деҳотро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон таъкид мекунад. Маълумоти оморӣ, ки аз рӯи гендер тақсим шудааст ва аз ҷониби Агентии омор пешниҳод гардидааст, таносуби мутавозини аҳолиро дар минтақаҳои интихобшуда тасдиқ мекунад. Дар вилояти Суғд, ки қисми шимолии водии Фарғонаро фаро мегирад, барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2020 2 769 261 нафарро нишон дод, ки аз онҳо 1 399 208 нафар мардон ва 1 370 053 нафарро занон ташкил медиҳанд. Дар вилояти Хатлон, ки бештар хусусияти деҳотӣ дорад, барӯйхатгирии аҳолӣ 3 436 420 нафарро ба қайд гирифтааст. Ҷадвалҳои сатҳи ноҳиявӣ шумораи умумии мардону занонро дар тамоми воҳидҳои маъмурӣ нишон медиҳанд, ки таносуби умумии гендерии тақрибан 50:50-ро инъикос мекунад.

Дар ин заминаи демографӣ Тоҷикистон уҳдадориҳои худро ба созишномаҳои асосии байналмилалие, ки баробарии гендериро тарғиб мекунанд, аз ҷумла Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон (CEDAW), ки соли 1993 ба тасвиб расидааст, ва Эъломия ва Платформаи амали Пекин (ЭППА / BPfA) дар соли 1995, инчунин Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ), бо таваҷҷуҳи хоса ба ҲРУ 5, ки ба ноил шудан ба баробарии гендерӣ ва тавсеаи имкониятҳои ҳамаи занон ва духтарон нигаронида шудааст, собит намудааст.

Дар Тоҷикистон барои пешбурди баробарии гендерӣ чаҳорчӯбаи мукаммали ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таъсис дода шудааст. Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалисозии онҳо» (соли 2005) заминаи ҳуқуқиро барои муборизa бо табъиз фароҳам меорад, дар ҳоле ки Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила (барои солҳои 2014-2023) самтҳои афзалиятнокро дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, зӯроварии гендерӣ ва таъмини баробарии гендерӣ дар раванди қабули қарорҳо муайян мекунанд. Кумитаи кор бо занон ва оила ҳамчун ниҳоди марказии ҳамоҳангсози сиёсати гендерӣ фаъолият намуда, аз ҷониби ташаббусҳои мақсаднок, аз қабили Квотаҳои президентӣ, ки ҳадафи он афзоиши фарогирии духтарон ба таҳсилоти олӣ мебошад, ва ислоҳоти ҷорӣ барои беҳтар кардани дастрасии занон ба молия ва соҳибкорӣ дастгирӣ меёбад. Ислоҳоти ахири қонунгузорӣ ҳимояро аз зӯроварӣ дар оила, бахусус тавассути Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила (соли 2013) пурзӯр карда, ҳуқуқҳои занонро дар фазои корӣ, аз ҷумла дастрасии баробар ба кори шабона ва имтиёзҳои рухсатии ҳомиладорӣ, васеъ намуд. Бо вуҷуди ин, камбудиҳои амалӣ, махсусан дар татбиқи муқаррароти зидди табъиз ва пешниҳоди хизматрасониҳои ҳамаҷонибаи солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ боқӣ мемонанд. Маҳдудиятҳо барои шуғли занон дар касбҳои хатарнок ҳамоно вуҷуд доранд ва буҷетсозии ҳассос ба гендер ҳанӯз дар марҳилаи озмоишӣ қарор дорад.

Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, Тоҷикистон ҳамчунон ҳам дар Индекси «Занон, соҳибкорӣ ва қонун» (WBL)-и Бонки Ҷаҳонӣ ва ҳам дар Индекси фарқияти гендерии ҷаҳонӣ (GGGI)-и Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ аз нишондиҳандаҳои миёнаи минтақавӣ поинтар аст. Бо баҳои 78,8 аз 100 дар Индекси WBL, Тоҷикистон дар самтҳои ҳаракат, издивоҷ, соҳибкорӣ ва дороиҳо ба баҳои баландтарин ноил гардидааст, аммо камбудиҳои назаррас дар ҳифзи ҷои кор, маош, рухсатии волидайн ва нафақа боқӣ мемонанд. Қонунгузорӣ дастрасии занонро ба баъзе касбҳо маҳдуд мекунад ва меъёри қонунӣ барои рухсатии пулакӣ оид ба нигоҳубини кӯдак барои падарон вуҷуд надорад, ки ин иштироки устувори занонро дар бозори меҳнат маҳдуд месозад. Иҷрои қонунгузорӣ дар бораи баробарии гендерӣ ва чораҳои иловагӣ номунтазам боқӣ монда, пешрафтро дар самти рафъи норасоиҳои гендерӣ дар доираи қонун суст мекунад. Тамоюли шабеҳ дар арзёбии GGGI низ ба назар мерасад. Тоҷикистон дар байни 148 кишвари ҷаҳон дар ҷои 129-ум қарор дорад, ки ин аз нобаробариҳои доимӣ дар иштироки иқтисодӣ ва тавонмандии сиёсӣ, бо вуҷуди баробарии тақрибан комил дар сатҳи таҳсилот ва натиҷаҳои тандурустӣ, шаҳодат медиҳад. Монеаҳои сохторӣ дар шуғл, моликияти дороиҳо ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳамоно ҳамчун монеаи ҷиддӣ дар роҳи тавсеаи пурраи имкониятҳои иқтисодии занон боқӣ мемонанд. Пандемияи COVID-19 ин мушкилотро боз ҳам шадидтар карда, ба шуғли занон, дастрасӣ ба таҳсил ва гирифторӣ ба зӯроварӣ ба таври номутаносиб таъсири манфӣ расонид.

Монеаҳо дар роҳи татбиқи самараноки сиёсатҳо, қонунгузорӣ ва уҳдадориҳо

Дар Тоҷикистон барои пешбурди баробарии гендерӣ чаҳорчӯбаи мукаммали ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таъсис дода шудааст. Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои

баробари амалисозии онҳо» (соли 2005) заминаи ҳуқуқиро барои мубориза бо табъиз фароҳам меорад, дар ҳоле ки Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила (барои солҳои 2014-2023) самтҳои афзалиятнокро дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, зӯроварии гендерӣ ва таъмини баробарии гендерӣ дар раванди қабули қарорҳо муайян мекунанд. Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, ба натиҷаҳои пайваста ва амалӣ табдил додани чунин уҳдадориҳо ҳамоно як мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Ташаббусҳои мақсаднок, аз қабили низоми квотаи Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсилоти олӣ, аз иродаи давлат дар ин самт шаҳодат медиҳанд, аммо байни сиёсати қабулшуда ва татбиқи амалии он ҳанӯз ҳам тафовутҳо боқӣ мемонанд. Арзёбиҳои ахир мавҷудияти як қатор монеаҳои низомиро нишон медиҳанд: татбиқи қонунгузорӣ оид ба баробарии гендерӣ аксар вақт бо сабаби маҳдуд будани иқтидори институтсионалӣ, нокифоя будани маблағгузорӣ ва ҳамоҳангсозии номукаммал миёни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад (The World Bank Group, 2021b; UN Women, 2025). Бисёре аз барномаҳо ба дастгирии донорҳо такя мекунанд ва мавҷуд набудани низоми ягонаи пайгирии маблағгузории буҷетӣ бо дарназардошти масъалаҳои гендерӣ ба устуворӣ ва фарогирии ташаббусҳои гендерӣ таъсир мерасонад (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020). Бартараф намудани ин маҳдудиятҳои сохторӣ андешидани тадбирҳои мақсаднокро тақозо менамояд, ки дастрасӣ ба захираҳо, фарогирии институтсионалӣ ва рушди иқтидорҳоро дар низомҳои асосии истифодаи замин ба таври маҷмӯӣ таъмин намоянд. Ислоҳоти ҳуқуқӣ ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳо аз зӯроварӣ дар оила ва тавсеаи ҳуқуқҳои занон дар ҷойи кор мусоидат намудаанд, аммо татбиқи онҳо дар амал ҳамоно нобаробар боқӣ мемонад. Масалан, зӯроварӣ дар оила ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии мустақил ба таври алоҳида ҷиноят эътироф карда нашудааст ва ҷабрдидагон ҳангоми дастрасӣ ба паноҳгоҳҳо, ёрии ҳуқуқӣ ва фармонҳои самараноки муҳофизатӣ бо монеаҳои мурофиавӣ рӯ ба рӯ мешаванд (ICJ, 2025). Таънаву доғи иҷтимоӣ, муносибатҳои табъизомез ва сатҳи нокифояи саводокиву маърифати ҳуқуқӣ махсусан дар деҳот боиси боз ҳам коҳиш ёфтани муроҷиат дар бораи чунин ҳолатҳо ва маҳдуд гардидани дастрасӣ ба адолат мешаванд. Маҳдудиятҳо барои шуғли занон дар касбҳо ва корҳои дорои шароити хатарнок ҳамоно боқӣ мондаанд ва қонунгузорӣ талаботи ҳатмиро оид ба пардохти музди меҳнати баробар ё пешниҳоди рухсатии пулакии волидайн ба падарон пешбинӣ намекунад, ки ин иштироки устувори занонро дар бозори меҳнат маҳдуд месозад (The World Bank Group, 2021b). Дар самтҳои асосӣ тафовут байни сиёсат ва амалия ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Намояндагии занон дар парламент ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ афзоиш ёфтааст, аммо ҳанӯз аз ҳадафҳои миллӣ пасттар боқӣ мемонад ва занон дар мансабҳои роҳбарикунандаи таъиншаванда низ ба таври кофӣ намояндагӣ намекунанд. Маҳдудиятҳои иқтисодӣ, фарқияти доимии сатҳи музди меҳнат ва маҳдуд будани моликияти занон ба дороиҳо ҳамчунон ба тавонмандсозии иқтисодии занон таъсир мерасонанд. Зӯроварӣ нисбат ба занон ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад; хизматрасониҳои ба эҳтиёҷоти ҷабрдидагон нигаронидашуда маҳдуд буда, стратегияҳои пешгирӣ ба таври пароканда амалӣ карда мешаванд. Равандҳои судӣ метавонанд тӯлонӣ бошанд ва ҳолатҳои зӯроварии бо истифодаи технологияҳо содиршаванда рӯ ба афзоиш доранд. Занони дорои маъюбият ва дигар гурӯҳҳои осебпазир дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои дастгирӣ ва ҳимоя бо монеаҳои иловагӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии вобаста ба саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ зери таъсири монеаҳои низомӣ дар соҳаи тандурустӣ, сатҳи баланди фавти модарон ва мушкилоти иловагие қарор дорад, ки занони дорои маъюбият ҳангоми дастрасӣ ба чунин хизматрасониҳо дучор мешаванд.

Дар маҳалҳои деҳот, хусусиятҳои идоракунии маҳаллӣ низ ба татбиқи сиёсати гендерӣ таъсири назаррас мерасонанд. Қабули қарорҳо дар сатҳи ҷамоатҳо аксар вақт тавассути сохторҳои ғайрирасмӣ, аз қабили мақомоти ҷамоат, роҳбарони деҳот, кумитаҳои маҳалла ва шахсони обрӯманду калонсолони ҷомеа сурат мегирад. Гарчанде ки ин сохторҳо дар ҳамоҳангсозии маҳаллӣ ва таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ нақши муҳим доранд, онҳо метавонанд ҳамзамон ба таҳкими меъёрҳои анъанавии гендерӣ мусоидат намоянд, ки иштироки занонро дар маҷлисҳои ҷамъиятӣ, барномаҳои омӯзишӣ ва платформаҳои қабули қарорҳо дар сатҳи ҷомеа маҳдуд мекунанд. Дар натиҷа, сиёсати миллии гендерӣ на ҳама вақт ба иштироки фарогир ва баробар дар сатҳи маҳаллӣ табдил меёбад.

Занон дар соҳаи КХҶДИЗ

Кишоварзӣ

Кишоварзӣ асоси воситаҳои рӯзгузаронии деҳоти Тоҷикистон ба шумор меравад, зеро зиёда аз 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва беш аз 60 фоизи қувваи кории умумии кишвар дар ин соҳа фаъолият доранд (СОКСММ / ФАО 2025a). Занон қисми зиёди қувваи кории кишоварзиро ташкил медиҳанд, ки дар соли 2021 ба 59 фоиз баробар буд, аммо саҳми онҳо аксаран ноаён гирифта шуда, асосан бемузд мебошад. Муҳиммияти ин бахш бо назардошти сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии мардон, ки боиси «занонашавии» меҳнати кишоварзӣ гардидааст, бештар мегардад: занон ҳам барои идоракунии хоҷагӣ ва ҳам барои муттасилии истеҳсолоти кишоварзӣ, аксаран дар шароити душвори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, масъулият ба дӯш доранд (СОКСММ / ФАО 2025a). Илова бар ин, қисми зиёди фаъолияти кишоварзии занон хусусияти ғайрирасмӣ дошта, бисёре аз онҳо бе шартномаҳои расмӣ ва ҳимояи қонунгузории меҳнат кор мекунанд. Ин ҳолат дастрасии онҳоро ба ҳифзи иҷтимоӣ, кумакпулӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ё нафақа маҳдуд сохта, осебпазирии онҳоро ба камбизоатӣ ва вобастагӣ дар даврaҳои минбаъдаи ҳаёт

афзоиш медиҳад. Сарфи назар аз нақши марказии худ дар соҳаи зироаткорӣ, чорводорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, занон дар деҳоти Тоҷикистон ҳамоно бо камбудиҳои доимӣ рӯ ба рӯ мебошанд.

Дар бахши кишоварзӣ нақшҳои гендерӣ вобаста ба низоми истеҳсолот ба таври назаррас фарқ мекунанд. Дар самти истеҳсоли зироатҳои асосӣ, бахусус гандум, мардон дар корҳои механиконидашуда, қарорҳои тақсимоти замин ва муносибатҳои бозорӣ бартарӣ доранд. Дар ҳамин ҳол, занон асосан ба корҳои серталаби меҳнатӣ, аз қабили тоза кардани алафҳои бегона, дарав ва коркарди пас аз ҷамъоварии ҳосил машғуланд, ки аксаран бемузд анҷом дода мешаванд. Бар хилофи ин, занон дар соҳаи боғдорӣ ва сабзавоткорӣ, бахусус дар боғҳои наздиҳавлигӣ ва қитъаҳои хурди обёришаванда, ки барои амнияти озуқаворӣ ва ғизои хонавода муҳим мебошанд, нақши марказӣ мебозанд. Бо вуҷуди ин, назорати маҳдуди занон аз болои инфрасохтори обёрӣ ва дастрасӣ ба захираҳои хушсифат маҳсулнокӣ ва қобилияти мутобиқшавии онҳоро дар шароити афзоиши тағйирёбии иқлим, аз ҷумла норасоии об ва болоравии ҳарорат, маҳдуд месозад.

Ин нобаробарӣ дар сатҳи истеҳсолот бо дастрасии нобаробар ба замин ва дороиҳои истеҳсолӣ тақвият меёбад. Дар соли 2022 танҳо 22,4 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ (хусусӣ) ба номи занон ба қайд гирифта шудаанд ва қитъаҳои замини занон маъмулан нисбат ба заминҳои аз ҷониби мардон идорашаванда хурдтар, камҳосилтар ва аз манбаъҳои обёрӣ дуртар ҷойгиранд. Меъёрҳои анъанавӣ ва таҷрибаи меросгузорӣ боис мегарданд, ки замин ва дороиҳои истеҳсолӣ, сарфи назар аз кафолатҳои ҳуқуқии баробар, одатан ба хешовандони мард интиқол дода шаванд. Ин вазъият занонро аз моликияти оилавӣ вобаста карда, имкони дастрасии онҳоро ба қарз ё сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ маҳдуд месозад. Дар натиҷа, манфиати иқтисодии занон аз кишоварзӣ дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Дар ҳоле ки маоши занон дар соҳаи кишоварзӣ дар солҳои охир тақрибан ба 80 фоизи маоши мардон баробар шудааст, аксарияти занони машғул дар кишоварзӣ ҳамчун коргарони мустақил ё бемузд боқӣ монда, асосан дар хоҷагиҳои оилавӣ ва хешовандон фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои кишоварзии занон аксаран дар фаъолиятҳои хурдтарин бо имкониятҳои маҳдуди рушд мутамарказ шудаанд. Намояндагии онҳо дар корхонаҳои калон дар сатҳи паст қарор дорад ва маҳдудиятҳои ҳаракати гендерӣ, гаравҳои маҳдуд, саводнокии пасти молиявӣ, норасоии вақт ва набудани омӯзиши техникӣ дастрасии онҳоро ба захираҳои кишоварзӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва имкониятҳои бозорӣ боз ҳам бештар маҳдуд мекунанд. Ин нобаробариҳо ба нигоҳ доштани фарқияти доимии ҳосилнокӣ ва осебпазирии иқтисодӣ, бахусус дар байни хонаводаҳое, ки аз ҷониби занон сарварӣ мешаванд, мусоидат мекунанд. Масалан, дар соли 2022 хоҷагиҳои деҳқонии таҳти сарварии занон нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонии мардон қариб дар тамоми намудҳои зироатҳои асосӣ ҳосили пасттар ба даст оварданд ва танҳо 13,3 фоизи заминҳои киштшаванда аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии занон коркард шуданд (The World Bank Group, 2021b; FAO, 2025a).

Ин маҳдудиятҳои иқтисодӣ бо корҳои нигоҳубини бемузд ва уҳдадориҳои хонагӣ боз ҳам мураккабтар мегарданд. Ба ҳисоби миёна, занони деҳот нисбат ба мардон тақрибан 10 маротиба бештар вақтро барои нигоҳубини бемузди аъзои оила ва корҳои хона сарф мекунанд, ки ин барои шуғли расмӣ ё рушди тиҷорат имкони кам боқӣ мегузорад. Меъёрҳо ва стереотипҳои иҷтимоӣ ҳамоно интихоб, ҳаракат ва иштироки занонро дар раванди қабули қарорҳо, чӣ дар дохили хонавода ва чӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ маҳдуд месозанд. Нодида гирифтани ин нақшҳои тафриқавии гендерӣ дар системаҳои истифодаи замин хатари таҳкими нобаробариҳои мавҷударо ба миён меорад ва метавонад боиси он гардад, ки дахолатҳои иқлимӣ сарбории кории занонро бе беҳтар намудани дастрасии онҳо ба захираҳо, раванди қабули қарорҳо ё манфиатҳои иқтисодӣ афзоиш диҳанд. Чунин тамоюлҳо дар зерсоҳаҳои мушаххаси кишоварзӣ низ мушоҳида мешаванд. Дар системаҳои боғдорӣ ва парвариши зироатҳои бисёрсола занон дар шинондан, буридан, ҷамъоварӣ ва коркард фаъолона иштирок мекунанд, вале қарорҳои дарозмуддати сармоягузорӣ ва танзими заминро маъмулан мардон назорат мекунанд. Ин қобилияти занонро барои баҳрабардорӣ аз занҷирҳои арзишманд маҳдуд сохта, ҳавасмандии онҳоро барои ҷорӣ намудани таҷрибаҳои ба иқлим тобовар коҳиш медиҳад. Ба ҳамин монанд, дар чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, занон пеш аз ҳама барои ғизодиҳӣ, ҷӯшидани шир ва коркарди маҳсулоти ширӣ масъуланд, дар ҳоле ки мардон маъмулан фурӯш, даромад ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои байторӣ ва зотҳои беҳтарро назорат мекунанд. Ин «занонашавии масъулият» дар якҷоягӣ бо «мардонашавии назорат» даромади иқтисодии занонро сарфи назар аз саҳми назарраси меҳнати онҳо коҳиш медиҳад ва осебпазирии онҳоро ба зарбаҳои иқлимӣ, ба мисли таназзули чарогоҳҳо ва норасоии хӯроки чорво афзоиш медиҳад.

Дар солҳои охир баъзе пешравиҳо ба мушоҳида расиданд. Ҳукумат ин мушкилотро дар стратегияҳо ва сиёсатҳои миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон то соли 2027 эътироф кардааст. Ҳадафи ин ташаббусҳо беҳтар намудани дастрасии занон ба замин, қарз, омӯзиш ва имкониятҳои роҳбарӣ, инчунин мусоидат ба баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғли кишоварзӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, камбудиҳои амалӣ боқӣ мондаанд ва намояндагии занон дар сохторҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳо ҳанӯз ҳам маҳдуд аст.

Хочагии чангал

Ҷангалҳо дар Тоҷикистон ҳамагӣ тақрибан 3 фоизи қаламрави кишварро фаро гирифта, ба яке аз маҳдудтарин захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ табдил ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, онҳо дар ҳифзи хок, танзими маҷрои об ва ҳифзи гуногунии биологӣ, бахусус дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки аз эрозия ва хатарҳои иқлимӣ бештар осеб мебинанд, нақши ҳалкунанда мебозанд. Хонаводаҳои деҳот бинобар дастрасии маҳдуд ба манбаъҳои алтернативии энергия ба захираҳои ҷангал, бахусус ҳезум, хӯроки чорво ва маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал такя мекунанд. Занон бори гарони ин масъулиятро ба дӯш доранд, зеро онҳо асосан барои ҷамъоварии ҳезум, гиёҳҳои доруворӣ ва дигар маводи ниёзи рӯзмарра масъуланд, ки ин ба сарбории бе ин ҳам зиёди меҳнати хонагии онҳо илова мегардад. Фишорҳо аз ҳисоби афзоиши аҳолӣ, камбизоатӣ ва тағйирёбии иқлим норасоии захираҳои ҷангалро шадидтар кардаанд. Буридани ҷангалҳо ва ҷамъоварии аз ҳад зиёди маҳсулот ҳамчун мушкилоти асосӣ боқӣ мемонанд, ки дар натиҷаи риояи сусти қоидаҳои идоракунӣ ва дастрасии маҳдуд ба манбаъҳои алтернативии дастраси энергия боз ҳам мураккабтар шудаанд. Ин фишорҳо ба таври номутаносиб ба занон таъсир мерасонанд, ки вақти зиёдро барои ҷамъоварии захираҳо сарф намуда, имкони таҳсил, кори музднок ва иштирок дар сохторҳои қабули қарорҳои ҷомеаро аз даст медиҳанд. Ин вазъият тавонмандии онҳоро барои гуногунсозии воситаҳои рӯзгузаронӣ ва эҷоди устуворӣ маҳдуд месозад.

Дар ҳоле ки чаҳорчӯбаҳои миллӣ, аз қабили Агентии хоҷагии ҷангал ва Барномаи миллии рушди соҳаи хоҷагии ҷангал ба барқарорсозии заминҳои харобшуда ва мусоидат ба ҷангалзоркунӣ нигаронида шудаанд, занон бинобар меъёрҳои доимии гендерӣ ва дастрасии маҳдуд ба замин, қарз ва омӯзиш аз нақшҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳо дар гурӯҳҳои истифодабарандагони ҷангал дур мондаанд. Ташаббусҳои ахири ФАО, Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва дигар шарикон равишҳои ҳассос ба гендерро дар хоҷагии ҷангал, аз ҷумла фаъолиятҳои гуногунсозии воситаҳои рӯзгузаронӣ, аз қабили агроҷангалпарварии хурд ва занбӯри асалпарвариро дастгирӣ намуданд. Бо вуҷуди ин, тавсеаи ин кӯшишҳо бартараф намудани нобаробариҳои сохториро тақозо мекунад. Бояд кафолат дода шавад, ки заноне, ки аз таназзули ҷангал бештар осеб дидаанд, дар равандҳои банақшагирӣ, қабули қарорҳо ва тақсимоти фоидаҳо иштироки пурра дошта бошанд. Дар маҷмӯъ, бахши хоҷагии ҷангали Тоҷикистон ҳарчанд хурд бошад ҳам, барои устувории экологӣ ва воситаҳои рӯзгузаронии деҳот ниҳоят муҳим аст. Таҳкими идоракунии ҳассос ба гендери ҷангалҳо ва тавсеаи дастрасӣ ба манбаъҳои алтернативии устувори энергия аз авлавиятҳои муҳим барои коҳиш додани фишор ба ҷангалҳо ва беҳбуди некӯаҳволии занон боқӣ мемонанд.

Аз нуқтаи назари системавӣ, воситаҳои рӯзгузаронии вобаста ба хоҷагии ҷангал дар Тоҷикистон бо истифодаи энергияи хонагӣ, агроҷангалпарварии хурд ва занҷирҳои арзиши маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал робитаи зич доранд. Ҳарчанд занон дар нигоҳдории ин системаҳо тавассути ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи маҳаллӣ нақши марказӣ мебозанд, иштироки онҳо ба таври васеъ ғайрирасмӣ боқӣ монда, асосан ба фаъолиятҳои таъминкунандаи рӯзгор мутамарказ шудааст. Онҳо ба бахшҳои сердаромад, аз қабили савдо, нигоҳдорӣ, робитаҳои бозорӣ ва механизмҳои тақсимоти фоидаҳо дастрасии маҳдуд доранд. Ин канормонӣ маънои онро дорад, ки меҳнати занон устувории хонаводаро таъмин мекунад, вале ба фоидаи мутаносиби иқтисодӣ ё ваколати қабули қарорҳо табдил намеёбад. Далелҳо нишон медиҳанд, ки иштироки занон дар идоракунии ҷангалҳо устувории захираҳо ва ҷомеаро беҳтар менамояд ва аҳаммияти таҳкими намояндагии занонро дар гурӯҳҳои истифодабарандагони ҷангал ва ташаббусҳои ҷангалзоркунӣ таъкид мекунад. Ҳамзамон, дастрасии маҳдуд ба манбаъҳои алтернативии энергия ва технологияҳои муассир фишорро ба захираҳои ҷангал афзоиш дода, осебпазирии занонро ба хатарҳои марбут ба иқлим бештар мегардонад. Аз ин рӯ, ҳамгиро кардани роҳҳои ҳалли ҳассос ба гендер, аз қабили алтернативаҳои энергияи тоза, технологияҳои каммасраф ва корхонаҳои марбут ба ҷангал, ки аз ҷониби занон роҳбарӣ мешаванд, як имконияти муҳим барои коҳиш додани буридани ҷангалҳо дар баробари беҳбуди воситаҳои рӯзгузаронӣ ва таҳкими натиҷаҳои устувории иқлим ба шумор меравад.

Дигар самтҳои истифодаи замин

Ғайр аз кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, истифодаи заминҳои боқимондаи Тоҷикистон, аз ҷумла чарогоҳҳо, марғзорҳо, боғҳо ва заминҳои таназзулёфта, дар таъмини шароити зиндагии деҳот нақши муҳим мебозанд. Бо вуҷуди ин, онҳо таҳти фишори афзояндаи тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, чаронидани аз ҳад зиёди чорво ва дастрасии маҳдуд ба таҷрибаҳои идоракунии устувори замин қарор доранд. Чарогоҳҳо зиёда аз 80 фоизи масоҳати заминҳои кишоварзии кишварро фаро гирифта, ҳамчун манбаи асосии ғизо барои чорво хизмат мекунанд. Аммо даҳсолаҳои тӯлонии истифодаи беназорати захираҳо, сохторҳои сусти идоракунӣ ва системаҳои нокифояи гардиши чарогоҳҳо боиси таназзули васеъ, паст шудани ҳосилнокӣ ва осебпазирии ҷамоатҳои чорводор гардиданд.

Дар ин системаҳои истифодаи замин, занон нақши марказӣ мебозанд, вале аксаран нодида гирифта мешаванд. Занон дар парвариши чорво, коркарди маҳсулоти ширӣ ва ҷамъоварии хӯроки чорво фаъолона иштирок мекунанд, аммо иштироки онҳо дар ассотсиатсияҳои идоракунии чарогоҳҳо ва қабули қарорҳо оид ба истифодаи замин бинобар меъёрҳои гендерӣ, маҳдудиятҳои ҳаракат ва дастрасии маҳдуд ба иттилоот ва фазои институтсионалӣ маҳдуд боқӣ мемонад. Азбаски таназзули чарогоҳҳо дастрасӣ ба

хӯроки чорворо коҳиш медиҳад, сарбории меҳнати занон зиёд шуда, норасоии вақти онҳоро шадидтар мегардонад ва қобилияти онҳоро барои машғул шудан ба фаъолиятҳои даромаднок ё татбиқи таҷрибаҳои мутобиқшавӣ маҳдуд месозад.

Таназзули замин ва ноамнии истифодаи замин ин мушкилотро боз ҳам бештар мегардонанд. Заминҳои таназзулёфта, ки дар натиҷаи эрозияи хок, шӯршавӣ ва таҷрибаҳои ноустувори кишоварзӣ васеъ шудаанд, камбизоатӣ ва ноамнии озуқавориро дар деҳот боз ҳам шадидтар месозанд. Ин вазъият бахусус ба хонаводаҳои таҳти сарварии занон таъсири манфӣ мерасонад, зеро онҳо ба қитъаҳои ҳосилхез, системаҳои обёрӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ дастрасии камтар доранд. Ноамнӣ дар истифодаи замин, ки бо муқаррароти мураккаб ва таҷрибаҳои меросгузории ба нафъи мардон нигаронидашуда алоқаманд аст, канормонии занонро боз ҳам тақвият мебахшад. Ин қобилияти онҳоро барои сармоягузорӣ ба боғдорӣ ё ташаббусҳои хурди барқарорсозии замин сарфи назар аз уҳдадориҳои сиёсат оид ба таъмини ҳуқуқҳои баробари замин, маҳдуд мекунад.

Дар ин системаҳои истифодаи замин, нақшҳои гендерӣ вобаста ба занҷирҳои арзиш фарқ мекунанд. Занон маъмулан дар корҳои серталаби меҳнатӣ, аз қабили боғдорӣ, нигоҳубини боғҳо, тайёр кардани тухмиҳо ва коркарди пас аз ҷамъоварии ҳосил мутамарказ шудаанд. Дар ҳамин ҳол, мардон назорати тақсимоти замин, инфрасохтори обёрӣ, механизатсия ва дастрасӣ ба бозорҳои тиҷоратиро дар даст доранд. Ин тақсимоти нақшҳо маҳсулнокии занонро маҳдуд сохта, қобилияти онҳоро барои қабули технологияҳои ба иқлим тобовар ё гузариш ба фаъолиятҳои сердаромади кишоварзӣ коҳиш медиҳад.

Барномаҳои охирини аз ҷониби донорҳо дастгирйшаванда равишҳои ҳассос ба гендерро дар самти идоракунии чарогоҳҳо, барқарорсозии оқилонаи заминҳо ва гуногунсозии воситаҳои рӯзгузаронӣ (ба монанди боғдорӣ, тухмипарварӣ ва коркарди маҳсулот дар ҳаҷми хурд) ҷорӣ намуданд. Бо вуҷуди ин, миқёси ин барномаҳо дар муқоиса бо сатҳи таназзули замин ва монеаҳои сохтории гендерӣ, ки иштироки занонро маҳдуд месозанд, ҳамоно ночиз боқӣ мемонад. Дар маҷмӯъ, идоракунии устувор ва фарогири чарогоҳҳо ва дигар самтҳои истифодаи замин барои таъмини устуворӣ муҳим аст. Барои ноил шудан ба пешрафти назаррас, таҳкими амнияти моликият, тавсеаи дастгирии мақсаднок ба занони деҳот ва ҳамгироии дурнамои гендерӣ ба банақшагирии истифодаи замин ва стратегияҳои мутобиқшавӣ ба иқлим зарур мебошад. Махсусан, нақши марказии занон дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва системаҳои хурди чорводорӣ як нуқтаи муҳим, вале ба таври кофӣ истифоданашуда барои рушди воситаҳои рӯзгузаронии ба иқлим устувор ба шумор меравад. Сарфи назар аз он ки занон асосан барои ғизодиҳӣ, ҷӯшидани шир ва коркарди маҳсулот масъуланд, онҳо аксаран ба хизматрасониҳои байторӣ, зотҳои беҳтар, системаҳои ба иқлим тобовари хӯроки чорво ва каналҳои расмии бозор дастрасӣ надоранд. Ҳалли ин маҳдудиятҳо метавонад ҳам устувории хонавода ва ҳам тавонмандии иқтисодии занонро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Дар маҷмӯъ, идоракунии устувор ва фарогири чарогоҳҳо ва дигар самтҳои истифодаи замин барои таъмини устуворӣ ниҳоят муҳим аст. Барои расидан ба пешрафти назаррас, таҳкими амнияти моликият, тавсеаи дастгирии мақсаднок ба занони деҳот ва ҳамгироии дурнамои гендерӣ дар банақшагирии истифодаи замин, идоракунии чарогоҳҳо ва стратегияҳои мутобиқшавӣ ба иқлим тақозо мегардад. Бе баррасии мушкили дар канор мондани занон аз мақомоти қабули қарорҳо, ки чарогоҳ, тақсимоти захираҳо ва тадбирҳои мутобиқшавиро танзим мекунанд, дахолатҳои иқлимӣ метавонанд донишҳои муҳими маҳаллиро нодида гиранд ва самаранокии худро коҳиш диҳанд.

Тағйирёбии иқлим ва баробарии гендерӣ

Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи (CMM/NDC) навсозишудаи Тоҷикистон ба таври возеҳ эътироф мекунад, ки таъсироти иқлим аз ҷиҳати гендерӣ бетараф нестанд. Он уҳдадории ҳукуматро барои ҳамгироии равишҳои гендерӣ дар тамоми марҳилаҳои банақшагирии мутобиқшавӣ ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим тасдиқ менамояд. Таҳия ва татбиқи марҳила ба марҳилаи Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) низ баробарии гендерӣ ва фарогирии иҷтимоиро ҳамчун авлавиятҳои фарогир эътироф намуда, зарурати рафъи осебпазирии номутаносиби занонро, бахусус дар манотиқи деҳот, кӯҳистон ва хонаводаҳои камдаромад таъкид мекунад. Ҷуғрофияи кӯҳистонии Тоҷикистон ҷамоатҳои деҳотро ба як қатор хатарҳои марбут ба иқлим, аз ҷумла обшавии босуръати пиряхҳо, зиёдшавии селу обхезиҳо, тағйирёбии шакли боришот ва суръат гирифтани таназзули чарогоҳҳо дучор месозад. Ин фишорҳои экологӣ ба таври номутаносиб ба занон, ки барои идоракунии оби хонавода, тайёр кардани хӯрок ва нигоҳубини чорво масъуланд, таъсири манфӣ мерасонанд. Камшавии дастрасӣ ба об, паст шудани ҳосилнокии чарогоҳҳо ва афзоиши тағйирпазирии иқлим аксаран боиси зиёд шудани сарбории меҳнати занон ва духтарон мегардад. Нобаробарии доимӣ дар дастрасӣ ба замин, молия, об, энергия, маориф ва ниҳодҳои марбут ба иқлим осебпазирии занонро ба хатарҳои иқлимӣ ва қобилияти онҳоро барои мубориза бурдан ё барқароршавӣ аз ҳодисаҳои шадид ба таври назаррас ташаккул медиҳад. Ин нобаробариҳо бо назардошти нақши марказии занон дар соҳаи кишоварзӣ, идоракунии захираҳои табиӣ ва корҳои бемузди хонагӣ ва нигоҳубин ба устувории хонавода ва рушди миллӣ таъсири мустақим мерасонанд. Ин осебпазириҳо дар системаҳои мухталифи истифодаи замин ба таври гуногун зоҳир

мешаванд. Масалан, заноне, ки ба истеҳсоли сабзавот ва боғпарварии хурд машғуланд, бинобар маҳдуд будани назорати захираҳои обёрӣ аз норасоии об ва тағйирёбии ҳарорат махсусан зарар мебинанд. Заноне, ки дар системаҳои чорводорӣ ва чарогоҳҳо фаъолият мекунанд, бо сарбории афзояндаи меҳнат дучор меоянд, зеро таназзули чарогоҳҳо дастрасӣ ба хӯроки чорворо коҳиш медиҳад. Дар ҳамин ҳол, онҳое, ки аз захираҳои ҷангал вобастаанд, аз сабаби норасоии маҳсулот ва зиёд шудани масофаи ҷамъоварӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин осебпазириҳои хоси ҳар як система зарурати татбиқи чораҳои мақсаднок ва ҳассос ба гендерро дар самти мутобиқшавӣ барои системаҳои гуногуни истифодаи замин таъкид мекунанд.

Вобастагии занон ба захираҳои табиӣ ҳам барои фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам репродуктивӣ осебпазирии онҳоро дар муқобили номуайянии иқлим афзоиш медиҳад. Хушксолиҳои такроршаванда, ки аллакай яке аз омилҳои асосии ноамнии озуқаворӣ дар деҳоти Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, ба таври номутаносиб ба хонаводаҳое таъсир мерасонанд, ки дар онҳо занон барои парвариши зироат, коркарди ғизо ва таъмини озуқаворию оила масъуланд. Обхезиҳои шадид ва суръат гирифтани обшавии пиряхҳо ба заминҳои кишоварзӣ зарар расонида, инфрасохторро хароб мекунад, сатҳи бемориҳои тавассути об паҳншавандаро баланд мебардоранд ва дастрасиро ба хизматрасониҳои муҳим, аз қабили тандурустӣ, маориф ва бозорҳо маҳдуд месозанд. Ин таъсирот бештар ба дӯши занон меафтанд, ки маъмулан барои дарёфти об, ҳезум ва ғизо масъуланд ва сарбории меҳнати онҳо ҳангоми зарбаҳои иқлимӣ ба таври қобили мулоҳиза зиёд мегардад. Дар доираи ин гурӯҳи васеъ, занони ҳомила, бевазанон, занони сарвари хонавода, занони солхӯрда ва духтарони наврас аз сабаби маҳдуд будани ҳаракат, дастрасии кам ба захираҳо ва ваколати маҳдуд дар қабули қарорҳо бо осебпазирии бештар рӯ ба рӯ мешаванд. Бар хилофи ин, мардон аксаран пас аз талафоти воситаҳои рӯзгузаронии марбут ба иқлим муҳоҷират мекунанд ва занонро бо масъулиятҳои васеъ ва вазифаҳои наве, ки қаблан ба уҳдаи мардон буданд, мегузоранд. Ин тағйирот метавонад нобаробарии гендерии мавҷударо боз ҳам шадидтар гардонад.

СММ ва лоиҳаи НММ-и Тоҷикистон аҳамияти кафолат додани сиёсатҳои иқлимиро тавассути таҳлили гендерӣ ва асоснок кардани равандҳои машваратии фарогир таъкид мекунанд. СММ ба таври возеҳ тақозо менамояд, ки масъалаҳои гендерӣ ба тадбирҳои мутобиқшавии соҳавӣ ворид карда шаванд, нишондиҳандаҳои аз рӯи гендер тақсимшуда ба системаҳои мониторинг ҳамгиро гарданд ва механизмҳое, ки роҳбарӣ, иштирок ва соҳибкории занонро дар бахшҳои марбут ба иқлим дастгирӣ мекунанд, тақвият дода шаванд. Ин уҳдадориҳо бо Нақшаи амали гендерии UNFCCC мувофиқат намуда, эътирофи афзояндаро инъикос мекунанд, ки дониши занон дар бораи экосистемаҳои маҳаллӣ, идоракунии захираҳои хонавода ва стратегияҳои устувории ҷомеа дар мутобиқшавӣ саҳми арзанда мегузорад. Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки ин чаҳорчӯбаҳо ҳадафи равшани сиёсатро дар сатҳи миллӣ муқаррар мекунанд, иқтидори татбиқи онҳо дар бахшҳои гуногун ва шароитҳои маҳаллӣ нобаробар боқӣ мемонад. Ин сармоягузории устуворро ба ҷамъоварии маълумоти аз рӯи гендер тақсимшуда, таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва рафъи монеаҳои сохторие, ки дастрасии занонро ба замин, молия, омӯзиш ва фазои қабули қарорҳо маҳдуд мекунанд, тақозо менамояд. Татбиқи муассир аз ҳамкорӣ бо созмонҳои занон, мақомоти маҳаллӣ ва гурӯҳҳои ҷомеа вобаста хоҳад буд, то кафолат дода шавад, ки амалҳои иқлимӣ ҳам одилона ва ҳам дигаргунсозанда мебошанд. Бидуни баррасии возеҳи ин нақшҳо ва маҳдудиятҳои тафриқавии гендерӣ дар системаҳои истифодаи замин, мудохилаҳои иқлимӣ хатари тақвияти нобаробариҳои мавҷударо ба миён оварда, метавонанд боиси мутобиқшавии нодуруст (maladaptation) гарданд. Дар натиҷа, сарбории занон бе беҳтар шудани мутаносиби дастрасии онҳо ба захираҳо, қабули қарорҳо ва манфиатҳои иқтисодӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Заминаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ҷонибҳои манфиатдор

Уҳдадориҳои Тоҷикистон оид ба баробарии гендерӣ тавассути ҳимояи конститутсионӣ, қонунгузории махсус оид ба баробарӣ, стратегияҳои миллии гендерӣ ва чаҳорчӯбаи сиёсати соҳавӣ дар самти тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ ва идоракунии хатари офатҳои табиӣ баён шудаанд. Санадҳои охирини вобаста ба иқлим, аз ҷумла Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи навсозишуда (NDC 2023) ва Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ), ки дар марҳилаи таҳия қарор дорад, баробарии гендерӣ ва фарогирии иҷтимоиро ҳамчун авлавиятҳои фарогир ҷойгир намуда, амалҳои иқлимиро бо воситаҳои рӯзгузаронии деҳот, кишоварзӣ, идоракунии об ва устувории ҷомеа зич мепайванданд.

Санадҳо ва уҳдадориҳои миллӣ

Ҷадвали 3: Заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ: Тоҷикистон3

Санад	Муҳтавои дахлдор
Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994, 1999, 2003, 2016 бо тағйироту иловаҳо)	Баробариро муқаррар намуда, табъизро манъ мекунад ва заминаи ҳуқуқиро барои таҳияи сиёсати ҳассос ба гендер дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла идоракунии захираҳои табиӣ, муҳити зист ва иқлим фароҳам меорад.

Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалисозии онҳо» (соли 2005)	Баробарии гендериро муайян намуда, табъизи мустақим ва ғайримустақимро манъ мекунад; гузаронидани экспертизаи гендерии қонунгузорӣ, ҷамъоварии омори гендерӣ ва таъмини намояндагиро дар мақомоти давлатӣ – омилҳои муҳим барои ҳамгироии масъалаҳои гендерӣ дар соҳаи кишоварзӣ, муҳити зист ва идоракунии иқлим – ҳатмӣ мегардонад.
Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030	Афзалиятҳои дарозмуддати баробарии гендериро, аз ҷумла тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон, иштироки сиёсӣ ва беҳтар намудани омори гендериро муқаррар мекунад; мониторинги нишондиҳандаҳои мутобиқ ба ҲРУ ва такмил додани пойгоҳи далелҳо барои барномарезии гендерӣ дар деҳот ва самти иқлимро дастгирӣ менамояд.
Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда (СММ/NDC)	Баробарии гендерӣ ва фарогирии иҷтимоиро ҳамчун принсипҳои фарогир эътироф мекунад; тадбирҳои мутобиқшавии ҳассос ба гендерро дар соҳаи кишоварзӣ, об, коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ ва устувории ҷомеа дар бар мегирад; тавассути машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор таҳия шудааст.
Раванди таҳияи Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) (давом дорад)	Банақшагирии миёнамуҳлат ва дарозмуддати мутобиқшавиро муқаррар мекунад; ҷузъҳои соҳавӣ кишоварзӣ, захираҳои об, тандурустӣ, гуногунии биологӣ, идоракунии хатари офатҳои табиӣ ва энергетикаро фаро мегиранд. Раванди НММ ба банақшагирии фарогир ва ҳамгироии нишондиҳандаҳои вобаста ба гендер дар бахшҳои ба иқлим ҳассос таъкид мекунад.
Консепсияи гузариш ба иқтисодиёти сабз	Роҳҳоро барои кишоварзии сабз, истифодаи устувори замин, энергияи барқароршаванда ва самаранокии захираҳо муқаррар менамояд. Харитаи роҳ механизмҳои ҳамоҳангсозии институтсионалии марбут ба иқлим ва банақшагирии КХҶДИЗ-ро бо назардошти масъалаҳои гендерӣ ҷорӣ мекунад.
Стратегияи миллии паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030	Гендерро ҳамчун мавзуи алоҳида эътироф мекунад; зарурати татбиқи равишҳои фарогир ва ба ҷомеа асосёфтаро дар омодагӣ ба обхезӣ, сел, хушксолӣ ва хатарҳои пиряхҳо таъкид менамояд.
Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030 (қарори № 482)	Чаҳорчӯбаи умумимиллии мутобиқшавӣ ба иқлимро фароҳам оварда, бахшҳои афзалиятнок, масъулиятҳои институтсионалӣ ва механизмҳои ҳамоҳангсозро муайян мекунад; барои банақшагирии устуворӣ ҳассос ба гендер нуқтаҳои стратегии вурудро эҷод менамояд.
Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои солҳои 2024-2026	Стратегияи то соли 2030-ро тавассути тадбирҳои мақсадноки соҳавӣ, нақшҳои муайяншудаи институтсионалӣ ва муҳлатҳои татбиқ амалӣ месозад; ҳамгироии нишондиҳандаҳои гендерӣ, баланд бардоштани иқтидор ва беҳтар намудани мониторинги мутобиқшавиро дар сатҳи бахш дастгирӣ мекунад.
Нақшаи сесолаи мутобиқшавӣ, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шудааст (солҳои 2025-2027)	Роҳнамои кӯтоҳмуддати татбиқ ва афзалиятҳои маблағгузории фаъолиятҳои мутобиқшавиро пешниҳод мекунад, аз ҷумла чораҳои устуворӣ сатҳи ҷомеа ва имкониятҳо барои таҳкими иштироки занон ва тавонмандии мутобиқшавии маҳаллӣ.
Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030, қабули соли 2016)	Чаҳорчӯбаи миллии рушди дарозмуддат; рушди сармояи инсонӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоиро ҳамчун рукнҳои асосӣ дар бар мегирад, ки барои ворид намудани баробарии гендерӣ дар банақшагирии рушди фарогир ва устуворӣ нуқтаҳои воридшавӣ фароҳам меорад.
Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021–2025 (БМР 2021–2025)	Афзалиятҳои СМР-2030-ро амалӣ менамояд; ба таври возеҳ дар баробари коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ сатҳи некӯаҳволии беҳтарро ҳадаф қарор медиҳад ва мутобиқшавии иқтисодӣ ва устуворӣ экологиро тавассути принсипҳои «иқтисоди сабз» чаҳорчӯбабандӣ мекунад.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Тарафҳои асосии манфиатдор

Дар ҷадвали зерин шарҳи сатҳи баланди ниҳодҳои сиёсати миллӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мусоидаткунанда марбут ба гендер, иқлим ва идоракунии истифодаи замин пешниҳод шудааст. Вазоратҳои соҳавӣ ва мақомоти зермиллӣ дар татбиқи онҳо нақши муҳим мебозанд ва дар қисмҳои дигари Пешниҳоди маблағгузорӣ баррасӣ мегарданд.

Ҷадвали 4: Харитасозии ҷонибҳои манфиатдор: Тоҷикистон4

Ҷонибҳои манфиатдор	Ваколат

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Сиёсати миллии иқлим, муҳити зист ва захираҳои табииро роҳбарӣ мекунад; раёсатҳои тағйирёбии иқлимро дар бар мегирад, ки иҷрои СММ-ро назорат мекунанд; дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои соҳавӣ оид ба банақшагирии мутобиқшавӣ ва масъалаҳои фарогир, аз ҷумла гендер ва фарогирии иҷтимоӣ нақши ҳамоҳангсозро мебозад.
Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ (КДИЗГ)	Идоракунии замин, системаҳои кадастр ва равандҳои бақайдгирии заминро назорат мекунад; ба ҳуқуқҳои замини занон, амнияти моликият ва дастрасӣ ба мудохилаҳои асосии КХҶДИЗ таъсири мустақим мерасонад.
Кумитаи кор бо занон ва оила (КЗО)	Механизми миллии гендерӣ; сиёсатҳои гендериро таҳия мекунад, ҳамгироии масъалаҳои гендериро дар вазоратхонаҳо ҳамоҳанг месозад, роҳнамоиро оид ба амалҳои вобаста ба иқлими гендерӣ таъмин мекунад ва системаҳои миллии маълумоти гендериро дастгирӣ менамояд.
Ассотсиатсияи бонувони Тоҷикистон (АБЗТ)	Платформаҳои гендерӣ ва ҷавонон дар сатҳи ҷомеа; сафарбар намудани занон ва ҷавонон дар деҳот, мусоидат ба иштироки онҳо дар ташаббусҳои иқлим ва истифодаи замин, дастгирии машваратҳои фарогир ва таҳкими иштирок дар қабули қарорҳо ва устуворii воситаҳои рӯзгузаронӣ.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

2.3 Узбекистон

2.3.1 Шарҳи миллӣ: вазъи баробарии гендерӣ

Кӯшиши таъмини баробарии гендерӣ дар Ӯзбекистон дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ, ки тақрибан баробар байни шаҳру деҳот тақсим шудааст, сурат мегирад. То моҳи октябри соли 2024 шумораи аҳолии доимии кишвар ба 37,36 миллион нафар расид, ки аз ин шумора 18,55 миллион нафарро занон ташкил медиҳанд. Дар деҳот 18,31 миллион нафар, яъне камтар аз нисфи аҳолии кишвар зиндагӣ мекунанд ва занон тақрибан 49,4 фоизи сокинони деҳотро ташкил медиҳанд. Ин сохтори демографӣ ҳам миқёс ва ҳам мураккабии маҳдудиятҳои марбут ба гендериро дар кишвар нишон медиҳад: аз нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва имкониятҳои иқтисодӣ дар манотиқи деҳот то динамикаи тағйирёбандаи бозори иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар марказҳои афзояндаи шаҳрӣ. Маълумоти оморӣ, ки аз рӯи гендер тақсим шудааст ва аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод гардидааст, инчунин тақсимоти мутаносиби мардону занонро дар минтақаҳои фарогири барнома нишон медиҳад. То моҳи январи соли 2026, дар вилояти Андиҷон 1 737 400 нафар, дар вилояти Намангон 1 568 500 нафар ва дар вилояти Сурхондарё 1 486 600 нафар занон зиндагӣ мекарданд, ки ин таносуби тақрибан баробари гендериро дар тамоми сохтори демографии кишвар инъикос мекунад.

Дар ин замина, Ӯзбекистон санадҳои асосии байналмилалии баробарии гендериро ба тасвиб расонидааст, аз ҷумла Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон (CEDAW) (соли 1995 ба тасвиб расидааст) ва Эъломия ва Платформаи амали Пекинро имзо кардааст. Уҳдадориҳои миллӣ дар солҳои охир тавсеа ёфтаанд, ки бо ҷалби кишвар ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ), бахусус ҲРУ 5, дастгирӣ мешаванд. Ин уҳдадориҳои байналмилалӣ барои татбиқи як қатор ислоҳоти дохилӣ, ки ба таҳкими баробарии гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон нигаронида шудаанд, замина фароҳам оварданд. Дар миқёси миллӣ, Ӯзбекистон заминаи мукаммали қонунӣ ва сиёсиро таҳия кардааст.

Қонун «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон» (соли 2019) барои талошҳои зидди табъиз замина фароҳам меорад, дар ҳоле ки Стратегияи ноил шудан ба баробарии гендерӣ то соли 2030 самтҳои афзалиятноки миллиро оид ба баланд бардоштани иштироки иқтисодии занон, беҳтар намудани намояндагӣ дар назди қонун ва таҳкими иштирок дар қабули қарорҳо муайян мекунад. Механизмҳои институтсионалӣ, аз қабили Кумитаи оила ва занон ва Маркази аз ҷониби ҳукумат таъсисдодашудаи «Мадад» (ки ба масъалаҳои гендерӣ тамаркуз мекунад) ҳамоҳангсозӣ ва расонидани хизматрасониҳоро дастгирӣ мекунанд. Дар соли 2023 дар Ӯзбекистон қонунгузории деринтизор қабул карда шуд, ки зӯроварӣ дар оиларо ҷиноят эътироф мекунад. Ин як қадами муҳим дар рафъи камбудиҳои ҳимоявӣ ба шумор меравад, гарчанде ки расмиёти оштӣ дар баъзе мавридҳо иҷозат дода мешавад, ки ин таъсири давомдори меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳалли анъанавии баҳсҳои оилавиро инъикос мекунад. Бо такя ба ин ислоҳот, дар моҳи феврали соли 2026 Ӯзбекистон буҷетсозии сабз ва ҳассос ба гендерро ба чаҳорчӯбаи буҷети давлатӣ ҷорӣ намуд. Ин ташаббус талаб мекунад, ки стратегияҳои фискалӣ ва пешниҳодҳои солонаи буҷет устуворii экологӣ ва баробарии гендериро муттаҳид созанд ва

нишондиҳандаҳои ченшавандаро дар бар гиранд. Ин ислоҳот ҳамоҳангиро байни идоракунии молияи давлатӣ, ҳадафҳои иқлимӣ ва уҳдадориҳо оид ба баробарии гендерӣ тақвият медиҳад, ҳарчанд татбиқи муассири он аз тавонмандиҳои институтсионалӣ ва назорат вобаста хоҳад буд. Ин талошҳои миллӣ аз ҷониби Чаҳорчӯбаи ҳамкории СММ оид ба рушди устувор барои солҳои 2026-2030 тақвият дода мешаванд, ки баробарии гендерӣ ва амалҳои иқлимиро ҳамчун авлавиятҳои фарогир муайян карда, ба идоракунии фарогир ва ба маълумот асосёфта барои ҳалли нобаробарии сохторӣ ва хатарҳои экологӣ таъкид мекунад. Сарфи назар аз ин пешрафтҳо, таърифҳои ҳуқуқии аз рӯи гендер бетараф, иқтидори маҳдуди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, инчунин доғи (стигма) иҷтимоӣ ҳамоно монеи татбиқи пурраи ин санадҳо мебошанд.

Ӯзбекистон дар Индекси «Занон, тиҷорат ва қонун» (WBL) 2024 баҳои 82,5 аз 100 ба даст овардааст, ки дастовардҳоро дар самтҳои ҳаракат, маош, издивоҷ, соҳибкорӣ ва дороиҳо нишон медиҳад, аммо ҳамзамон камбудиҳои доимиро дар ҳифзи ҷои кор, рухсатии волидайн ва нафақа ошкор месозад. Дар ҳоле ки озори ҷинсӣ дар Ӯзбекистон, аз ҷумла дар ҷои кор, манъ шудааст, такя ба чораҳои маъмурӣ, иҷрои нобаробар ва доғи иҷтимоӣ қобилияти занонро дар ҷустуҷӯи ҳимоя ва адолати муассир маҳдуд намуда, бисёре аз онҳоро дар муқобили табъиз осебпазир мегардонад ва раванди расидан ба баробарии гендериро суст мекунад. Дар Индекси фарқияти гендерии ҷаҳонӣ (GGGI) дар соли 2025 Ӯзбекистон дар байни 148 кишвари ҷаҳон дар ҷои 110-ум қарор дорад. Ин нишондиҳанда дастовардҳои назаррасро дар сатҳи таҳсилот, саломатӣ ва давомнокии умр инъикос мекунад, аммо аз намояндагии пасти занон дар тавонмандии сиёсӣ ва иштироки иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд дар Кодекси интихобот квотаи 30 фоиз барои номзадҳои зан ҷорӣ карда шудааст, нозирон қайд мекунанд, ки риқобати маҳдуди сиёсӣ ва фазои маҳдуди шаҳрвандӣ таъсири воқеии ин дастовардҳоро маҳдуд месозанд. Боиси рӯҳбаландӣ аст, ки мавқеи кишвар дар самти пешбурди таҳсилоти занон махсусан пешқадам мебошад – заноне, ки таҳсилоти олӣ мегиранд, ба қарзҳои бефоиз барои муҳлати 7 сол дастрасӣ доранд ва гирифтани қарзҳо барои оилаҳои камбизоат ҳеҷ гуна гаравро талаб намекунад.

Монеаҳо барои татбиқи самараноки сиёсатҳо, қонунгузорӣ ва ӯҳдадориҳо

Бо вуҷуди пешрафтҳои назарраси қонунгузорӣ ва сиёсӣ, Ӯзбекистон бо монеаҳои сохторӣ, институтсионалӣ ва меъёрӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки иҷрои самараноки уҳдадориҳоро оид ба баробарии гендерӣ маҳдуд мекунад. Мушкилоти асосӣ ин боқӣ мондани таърифҳои ҳуқуқии аз лиҳози гендерӣ бетараф мебошад, ки шаклҳои мушаххаси табъизи занонро пурра инъикос намекунанд. Ин масъала махсусан дар заминаи зӯроварӣ дар оила баръало мушоҳида мешавад: сарфи назар аз эътирофи он ҳамчун ҷиноят дар соли 2023, бандҳои оштӣ иҷозат медиҳанд, ки парвандаҳо баста шаванд, агар ҷабрдидагон ба созиш бо ҷиноятқорон розӣ шаванд. Бо назардошти фишори шадиди оила ва ҷомеа, ин механизмҳои татбиқ ва муҳофизатро ба таври назаррас заиф мекунад. Иқтидори маҳдуди институтсионалӣ, махсусан дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кумитаҳои маҳалла ва судҳои маҳаллӣ, дастрасии ҷабрдидагонро ба адолат боз ҳам заиф карда, таъсири бозторандагии қонунро коҳиш медиҳад.

Меъёрҳои амиқи патриархалӣ ва доғи (стигма) иҷтимоӣ низ татбиқи қонунҳоро бозмедоранд. Интизориҳои иҷтимоӣ дар атрофи нақшҳои хонаводагии занон, итоат ба мардон ва бартарият додан ба эътибори оила ҳаракати занон, мустақилияти қабули қарорҳо ва омодагии онҳоро барои ҷустуҷӯи хизматрасониҳои ҳимоявӣ маҳдуд мекунанд. Маълумоти пурсишҳо нишон медиҳанд, ки муносибатҳое, ки зӯроварӣ ва нақшҳои нобаробари хонаводаро дастгирӣ мекунанд, бахусус берун аз марказҳои бузурги шаҳрӣ, густурда боқӣ мондаанд. Ин меъёрҳо инчунин ба паст будани сатҳи гузоришдиҳӣ дар бораи зӯроварӣ мусоидат намуда, сарфи назар аз мавҷудияти кафолатҳои расмӣ, дастрасиро ба хизматрасониҳои солимии репродуктивӣ маҳдуд месозанд.

Ғайр аз доираи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ, ин маҳдудиятҳо мустақиман ба монеаҳои иқтисодӣ ва таъмини рӯзгузаронӣ, бахусус дар бахшҳои вобаста ба замин ва об табдил меёбанд. Занон дар Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ҳиссаи хеле ками узвиятро доранд, ки ин таъсири онҳоро ба нақшаҳои обёрӣ ва қарорҳои тақсимоти об барои қитъаҳое, ки онҳо идора мекунанд, ниҳоят маҳдуд месозад. Ин канормонӣ қобилияти занонро барои вокуниш нишон додан ба норасоии об коҳиш дода, маҳсулнокии системаҳои хоҷагидории деҳқониро паст мекунад. Хусусияти ғайрирасмии меҳнати занон, ки аксаран ҳамчун коргарони бемузд дар оила ё мардикорони рӯзона фаъолият мекунанд, дастрасии онҳоро ба хизматрасониҳои расмии молиявӣ боз ҳам маҳдуд месозад. Бисёре аз занон наметавонанд ба талаботи собиқаи корӣ ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи даромад барои гирифтани қарзҳои бонкӣ ҷавобгӯ бошанд, ки ин ба канормонии доимии молиявии онҳо мусоидат мекунад. Дастрасӣ ба қарз маҳдуд боқӣ мемонад ва ҳуқуқи моликият ба замин маъмулан ба номи сарварони марди хонавода сабт карда мешавад, ҳатто агар қонунҳо расман аз лиҳози гендерӣ бетараф бошанд. Дар маҷмӯъ, ин монеаҳои ба ҳам алоқаманд қобилияти занонро барои сармоягузорӣ ба маҳсулнокӣ, механизатсия ва таҷрибаҳои ба иқлим тобовар маҳдуд мекунанд.

Занон дар соҳаи КХҶДИЗ

Кишоварзӣ

Занон дар соҳаи кишоварзии Ӯзбекистон, бахусус дар самтҳои деҳқонӣ (зироатпарварӣ), боғдорӣ, чорводорӣ ва коркарди маҳсулот нақши муҳим мебозанд. Онҳо соҳибони асосии қитъаҳои наздиҳавлигӣ мебошанд, ки масоҳати онҳо маъмулан аз 0,06 то 0,15 гектарро ташкил медиҳад ва дар онҳо сабзавоту меваҷот барои истеъмоли хонавода ва фурӯши маҳаллӣ парвариш карда мешаванд. Тавассути низоми хоҷагидории деҳқонӣ, занон дар истеҳсоли чорвои майда ва коркарди маҳсулоти ширӣ низ нақши марказӣ доранд. Гарчанде ки ин системаҳо ҳиссаи нисбатан маҳдуди заминҳои обёришавандаро фаро мегиранд, онҳо ҳиссаи назарраси истеҳсоли озуқавории дохилиро таъмин намуда, барои амнияти озуқаворӣ ва воситаҳои рӯзгузаронии деҳот ниҳоят муҳим мебошанд. Сарфи назар аз аҳаммияти худ барои амнияти озуқаворӣ ва воситаҳои рӯзгузаронии деҳот, хоҷагиҳои деҳқонӣ таърихан берун аз таваҷҷуҳи асосии сиёсати давлатии кишоварзӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва барномаҳои дастгирӣ қарор доштанд, ки ин дастрасиро ба захираҳо, технологияҳо ва сармоягузорӣ маҳдуд кардааст.

Дар доираи иқтисодиёти васеътари кишоварзӣ, меҳнати занон асосан дар бахшҳои серталаби меҳнатӣ ва ғайрирасмӣ мутамарказ шудааст, дар ҳоле ки мардон дар кишоварзии тиҷоратӣ ва амалиётҳои механикунонидашуда бартарӣ доранд. Гарчанде ки ҳуқуқҳои замин ба таври расмӣ аз лиҳози гендерӣ бетараф мебошанд, шартномаҳои истифодаи замин ва равандҳои бақайдгирӣ маъмулан ба мардони хонаводаҳо мусоидат карда, дастрасии занонро ба қарз, субсидияҳо ва барномаҳои давлатӣ маҳдуд месозанд. Занон инчунин бо мақомоти кишоварзии ноҳияҳо, гурӯҳҳои истеҳсолкунандагон ва хадамоти машваратӣ камтар робита доранд, ки ин дастрасии онҳоро ба маслиҳатҳои агротехникӣ, барномаҳои субсидиякунонӣ ва иттилоот дар бораи технологияҳои нав коҳиш медиҳад. Системаҳои машваратӣ асосан аз ҷониби мардон бартарӣ доранд ва чорабиниҳои омӯзишӣ аксаран бо тарзе ташкил карда мешаванд, ки ба иштироки мардон нигаронида шудаанд. Ин ҳолат имкониятҳои занонро барои омӯхтани усулҳои обёрии каммасраф, истифодаи навъҳои беҳтаршудаи тухмӣ ё имконоти гуногунсозии маҳсулот боз ҳам маҳдудтар месозад.

Ин маҳдудиятҳои сохторӣ бо иштироки маҳдуди занон дар занҷирҳои арзиши кишоварзӣ ва ниҳодҳои идоракунии захираҳо боз ҳам тақвият меёбанд. Фаъолияти занон асосан ба фаъолиятҳои камдаромад ё ғайрирасмӣ, аз қабили коркард дар ҳаҷми хурд ва истеҳсолоти хонаводагӣ маҳдуд мебошад, дар ҳоле ки монеаҳо дар дастрасӣ ба бозорҳо, сертификатсия, нигоҳдорӣ ва нақлиёт воридшавӣ ба занҷирҳои арзишмандро маҳдуд месозанд. Маҳсулоти молиявие, ки барои хоҷагиҳои хурд таҳия шудаанд, ба таври васеъ барои занон дастрас нестанд, ки ин сармоягузорӣ ба маҳсулнокӣ ё тавсеаи корхонаро боз ҳам маҳдудтар мекунад. Қобилияти занон барои таъсир расонидан ба қабули қарорҳо дар соҳаи кишоварзӣ инчунин бинобар дур мондан аз муассисаҳои асосии идоракунии об маҳдуд мегардад. Занон танҳо 12 фоизи заминҳои обёришавандаро идора мекунанд ва узвияти занон дар Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) дар сатҳи хеле паст боқӣ мемонад – тақрибан 8 фоиз дар соли 2023. Ин ҳолат таъсири занонро ба нақшаҳои обёрӣ ва қарорҳои тақсимоти об, ки бевосита ба ҳосилнокии онҳо таъсир мерасонанд, маҳдуд месозад.

Динамикаи васеътари иҷтимой-иқтисодӣ нақшҳо ва осебпазирии занонро дар соҳаи кишоварзӣ боз ҳам бештар ташаккул медиҳад. Дар минтақаҳое, ки бо сатҳи баланди муҳоҷирати мавсимии мардон тавсиф меёбанд, занон бештар тасмимҳои ҳаррӯзаи кишоварзиро қабул мекунанд, аксаран бидуни назорати мутаносиб аз болои дороиҳо ва даромадҳо. Фарогирии маҳдуди молиявӣ ва набудани воситаҳои идоракунии хатарҳо қобилияти онҳоро барои тоб овардан ба зарбаҳои истеҳсолӣ ё сармоягузорӣ ба стратегияҳои мутобиқшавӣ коҳиш медиҳад. Фишорҳои вобаста ба иқлим, бахусус обёрии беэътимод ва паст шудани ҳосилхезии замин, ба таври номутаносиб ба ҳосил ва вазифаҳое, ки меҳнати занон дар онҳо мутамарказ шудааст, таъсир мерасонанд. Бо дастрасии камтар ба таҷҳизоти обёрӣ ва захираҳои ба иқлим тобовар, занон имкониятҳои камтар доранд, то тачрибаҳои истеҳсолиро танзим кунанд ё ба парвариши зироатҳои нисбатан устувор гузаранд. Дар маҷмӯъ, ин маҳдудиятҳои сохторӣ, институтсионалӣ ва экологӣ маҳсулнокӣ, даромаднокӣ ва устувории занонро дар бахши кишоварзии Ӯзбекистон маҳдуд месозанд.

Хоҷагии ҷангал

Дар системаҳои чарогоҳҳо ва хоҷагии ҷангал, нақши занон асосан ба корҳои рӯзгордорӣ, аз ҷумла ҷамъоварии ҳезум, дастрас намудани хӯроки чорво ва коркарди маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал нигаронида шудааст. Ин фаъолиятҳо барои таъмини нерӯи барқ ва гуногунсозии даромади хонаводаҳо, бахусус дар минтақаҳои деҳот ва аз ҷиҳати экологӣ осебпазир ниҳоят муҳим мебошанд. Бо вуҷуди ин, занон дар муассисаҳои расмӣ, ки барои тақсими захираҳо, банақшагирии ҷангалзоркунӣ ва барқарорсозии ландшафт масъуланд, қариб тамоман иштирок надоранд (FAO, 2025b).

Мардон одатан дар корҳои муздноки хоҷагии ҷангал ва ташаббусҳои давлатӣ оид ба ниҳолшинонӣ бартарӣ доранд, дар ҳоле ки саҳми занон бештар ғайрирасмӣ ва маъмулан бемузд мебошад. Имкониятҳои маҳдуди иштирок дар омӯзишҳои хоҷагии ҷангал ва машваратҳои ҷомеа дастрасии занонро

ба донишҳои техникӣ ва нақшаҳои тақсими фоида, ки бо барқарорсозӣ ё воситаҳои рӯзгузаронӣ дар ҷангал алоқаманданд, маҳдуд месозад. Бо суръат гирифтани раванди нобудшавии наботот ва биёбоншавӣ, бахусус дар минтақаи баҳри Арал, занон бо мушкилоти рӯзафзун дар таъмини эҳтиёҷоти рӯзгор ба сӯзишворӣ ва захираҳо рӯ ба рӯ мешаванд, вале дар барномаҳое, ки барои барқарор кардани ландшафтҳои харобшуда пешбинӣ шудаанд, намояндагии кам доранд.

Дигар самтҳои истифодаи замин

Занон дар низомҳои истифодаи замин берун аз соҳаҳои расмии кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал низ нақши муҳим доранд. Аз ҷумла, онҳо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, боғҳои хурд ва фаъолиятҳои вобаста ба чарогоҳҳо, аз қабили ҷамъоварии хӯроки чорво ва коркарди маҳсулоти табииро идора мекунанд. Ин фаъолиятҳо барои таъмини амнияти озуқаворию хонаводаҳо ва диверсификатсияи даромадҳо аҳамияти муҳим доранд, аммо аксар вақт дар банақшагирии расмии истифодаи замин ва механизмҳои дастгирӣ ба таври кофӣ ба назар гирифта намешаванд.

Заноне, ки ба истеҳсолоти хурдҳаҷм ё фаъолияти истеҳсолии хонагӣ такя мекунанд, бинобар маҳдуд будани имкониятҳо, норасоии вақт ва хусусияти ғайрирасмии фаъолияти меҳнатии онҳо ҳангоми дастрасӣ ба бозорҳо, қарзҳо ва хизматрасониҳои машваратӣ бо монеаҳо рӯ ба рӯ мешаванд (UNDP Independent Evaluation Office, 2025). Таназзули муҳити зист, аз ҷумла норасоии об ва коҳиш ёфтани захираҳои муштараки табиӣ, ҳаҷми меҳнатеро, ки барои ҷамъоварии маводи зарурии рӯзгор лозим аст, зиёд менамояд. Бо вуҷуди ин, маҳдуд будани дастрасии занон ба замин, даромад ва иштироки онҳо дар идоракунии маҳаллӣ имкониятҳои онҳоро барои мутобиқ намудани воситаҳои зиндагӣ ба фишорҳои экологӣ коҳиш медиҳад (CEDAW, 2022).

Тағйирёбии иқлим ва баробарии гендерӣ

Заминаи таҳаввулёбандаи иқлим ва сиёсати гендерии Ӯзбекистон торафт бештар эътироф мекунад, ки таъсироти иқлим аз нигоҳи гендерӣ бетараф нестанд, ки ин дар ислоҳоти охирини қонунгузорӣ ва стратегияҳои миллӣ ҷиҳати таҳкими баробарии гендерӣ ва фарогирии иҷтимоӣ инъикос ёфтааст. Қонун дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занон ва мардон (соли 2019) ва Стратегияи ноил шудан ба баробарии гендерӣ то соли 2030 аз уҳдадории ҳукумат барои ҳамгироии масъалаҳои гендерӣ дар банақшагирии соҳавӣ, аз ҷумла дар ниҳодҳои марбут ба иқлим шаҳодат медиҳанд. Кӯшишҳои доимӣ оид ба таҳкими чаҳорчӯбаи мутобиқшавӣ ба ҳамин монанд осебпазирии номутаносиби занонро эътироф мекунанд, бахусус онҳое, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, даромади кам доранд ва хонаводаҳои онҳо аз кишоварзӣ вобастаанд. Нобаробариҳои доимӣ дар дастрасӣ ба замин, молия, обёрӣ, об, энергия, иттилоот ва механизмҳои қабули қарорҳо таъсири назаррасро ба хатарҳои иқлимӣ ва қобилияти занон барои муборизa бурдан ё барқароршавӣ аз ҳодисаҳои фавқулода ташаккул медиҳанд. Ин нобаробариҳо бо назардошти нақши марказии занон дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар сатҳи хонавода, идоракунии захираҳои табиӣ ва корҳои бемузди хонагӣ ва нигоҳубин ба устувории хонавода ва рушди миллӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Вобастагии занон ба захираҳои табиӣ ҳам барои фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам репродуктивӣ осебпазирии онҳоро ба номуайянии иқлим афзоиш медиҳад. Хушксолии афзоянда ва норасоии доимии об, ҳамчун мушкилоти доимии экологӣ дар саросари Ӯзбекистон, ба хонаводаҳое, ки дар онҳо занон барои ҷамъоварии об, захира кардани ҳезум, омода намудани ғизо ва нигоҳубини боғҳои наздиҳавлигӣ масъуланд, ба таври номутаносиб таъсири манфӣ мерасонанд. Ин фишорҳо сарбории занонро шадидтар карда, имкониятҳои онҳоро барои ба даст овардани даромад маҳдуд месозанд ва ноамнии озуқаворӣ ва воситаҳои рӯзгузарониро бештар мекунанд, бахусус дар манотиқи деҳот, ки аз таназзули замин ва норасоии об бештар осеб дидаанд. Зарбаҳои шадиди иқлимӣ, аз қабили обхезӣ, ҳарорати аз ҳад баланд ва паст шудани ҳосилхезии хок, истеҳсолоти кишоварзиро боз ҳам халалдор карда, инфрасохтори муҳимро вайрон месозанд ва дастрасиро ба хизматрасониҳо, аз қабили тандурустӣ, бозорҳо ва маориф маҳдуд мекунанд.

Таназзули муҳити зист, бахусус хушксолӣ ва паст шудани ҳосилхезии хок, бори сегонаи занонро оид ба уҳдадориҳои хонагӣ, нигоҳубини кӯдак ва меҳнати кишоварзӣ зиёдтар мекунад. Далелҳои таҷрибавӣ бо истифода аз Индекси Pro-WEAI нишон медиҳанд, ки бисёре аз занони деҳот аз ҳадди аққали сарбории меҳнати 10,5 соат дар як рӯз зиёдтар кор мекунанд ва номутавозунии кор ҳамчун як омили асосӣ дар маҳдуд шудани имкониятҳои занон муайян карда шудааст. Ин фишорҳо вақти дастрасро барои ба даст овардани даромад, рушди малакаҳо ё иштирок дар қабули қарорҳои ҷомеа коҳиш медиҳад. Занон инчунин бо норасоии назаррас дар самти механизатсия рӯ ба рӯ мешаванд, зеро онҳо аксаран дастрасии бемаҳдуд ба таҷҳизоти кишоварзиро надоранд, ки барои мутобиқ кардани таҷрибаҳои кишоварзӣ ба фишори экологӣ заруранд. Дастрасии маҳдуд ба технологияҳои обёрӣ, техника ва захираҳои ба иқлим тобовар қобилияти мутобиқшавиро боз ҳам бештар маҳдуд месозад.

Дар ин замина, гурӯҳҳои алоҳида бо осебпазирии афзоянда, аз ҷумла бевазанон, занони солхӯрда, занони сарвари хонаводаҳо, занони ҳомила ва духтарони наврас бо сабаби кам шудани ҳаракат, дастрасии маҳдуд ба захираҳо ва маҳдуд будани қудрати қабули қарорҳо дучор меоянд. Дар канор мондани занон аз сохторҳои идоракунии иқлим, бахусус мақомоти қабули қарор дар соҳаи об ва кишоварзӣ, дастрасии онҳоро ба иттилоот оид ба огоҳии пешакӣ ва захираҳои мутобиқшавӣ боз ҳам маҳдудтар мекунад, сарфи назар аз далелҳое, ки иштироки онҳо ба натиҷаҳои беҳтари идоракунии захираҳо оварда мерасонад. Бар хилофи ин, мардон дар вокуниш ба фишорҳои вобаста ба иқлим аксаран ба таври муваққатӣ ё мавсимӣ муҳоҷират мекунанд ва занонро бо масъулиятҳои васеъ ва вазифаҳои наве, ки қаблан мардон иҷро мекарданд, мегузоранд. Ин тағйирот метавонад нобаробарии гендерии мавҷударо боз ҳам шадидтар гардонад.

Таҳкими чаҳорчӯбаи сиёсати гендерии Ӯзбекистон аҳаммияти кафолат додани сиёсатҳои иқлимиро тавассути таҳлили гендерӣ ва асоснок кардани равандҳои машваратии фарогир таъкид мекунад. Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи навсозишудаи (CMM/NDC 3.0) Ӯзбекистон барои соли 2025 ба ҳамгироии занон ба барномаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим авлавият медиҳад ва эътироф мекунад, ки маҳдудиятҳо дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои об ва энергетикӣ ба занони деҳот ба таври номутаносиб сарборӣ меоранд ва ба афзоиши талаботи меҳнатӣ ва коҳиши қобилияти мутобиқшавӣ мусоидат мекунанд. Ислоҳоти ахир, аз ҷумла таъсиси механизмҳои институтсионалӣ, аз қабили Кумитаи оила ва занон ва қабули қонунгузорӣ, ки зӯроварӣ дар оиларо ҷиноят эътироф мекунад, эътирофи афзояндаи нобаробарии сохториро, ки осебпазириро ба таъсироти иқлим ташаккул медиҳанд, инъикос менамоянд. Уҳдадориҳои миллии вобаста ба иқлим зарурати ҳамгироии гендериро дар доираи тадбирҳои мутобиқшавии соҳавӣ, ворид намудани нишондиҳандаҳои аз рӯи гендер тақсимшуда ба системаҳои мониторинг ва таҳкими механизмҳое, ки роҳбарии занон, иштирок ва тавонмандии иқтисодиро дар бахшҳои марбут ба иқлим дастгирӣ мекунанд, таъкид менамоянд. Ин кӯшишҳо бо уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба амалҳои мутобиқ ба иқлим мувофиқат намуда, эътирофи афзояндаро инъикос мекунанд, ки дониши занон дар бораи идоракунии захираҳои хонавода, экосистемаҳои маҳаллӣ ва устувории ҷомеа саҳми арзандаеро барои мутобиқшавии муассир пешкаш менамояд. Бо вуҷуди ин, табдил додани ин уҳдадориҳо ба амалия сармоягузории устуворро ба маълумоти аз рӯи гендер тақсимшуда, таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва рафъи монеаҳои сохторӣ, ки дастрасии занонро ба замин, молия, омӯзиш ва ҷойҳои қабули қарорҳо маҳдуд мекунанд, талаб менамояд. Иҷрои муассир аз ҳамкорӣ бо созмонҳои занон, мақомоти маҳаллӣ ва гурӯҳҳои дар ҷомеа асосёфта вобаста хоҳад буд, то кафолат дода шавад, ки амалҳои иқлимӣ ҳам одилона ва ҳам фарогир мебошанд.

2.3.2 Заминаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ҷонибҳои манфиатдор

Уҳдадориҳои Ӯзбекистон оид ба баробарии гендерӣ тавассути кафолатҳои конститутсионӣ, қонунгузории махсус оид ба баробарӣ, стратегияҳои дарозмуддати миллии гендерӣ ва чаҳорчӯбаи сиёсати босуръат рушдёбандаи иқлим баён карда мешаванд. Қонун дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занон ва мардон (соли 2019) ва Стратегияи ноил шудан ба баробарии гендерӣ то соли 2030 асоси меъмории баробарии гендериро дар кишвар ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби механизмҳои институтсионалӣ, аз қабили Кумитаи оила ва занон дастгирӣ мешаванд. Санадҳои навшудаи марбут ба иқлим ва равандҳои банақшагирии мутобиқшавӣ торафт бештар масъалаҳои гендериро ҳамчун як принсипи фарогир эътироф намуда, амалҳои иқлимиро бо воситаҳои рӯзгузаронии деҳот, кишоварзӣ, идоракунии об ва устувории ҷомеа мепайванданд. Ин раванд эътирофи афзояндаи миллиро инъикос мекунад, ки занон, бахусус занони деҳот ва хонаводаҳои камдаромад бо осебпазирии номутаносиби иқлим рӯ ба рӯ мешаванд.

Санадҳо ва уҳдадориҳои миллӣ

Дар ҷадвали зерин шарҳи сатҳи баланди ниҳодҳое, ки барои таҳияи сиёсат, ҳамоҳангсозӣ ва фароҳам овардани шароит дар самти гендер, иқлим ва идоракунии истифодаи замин дар сатҳи миллӣ масъуланд, пешниҳод шудааст. Вазоратҳои соҳавӣ ва мақомоти зермиллӣ дар раванди татбиқ нақши ҳалкунанда мебозанд ва ин нақш дар бахшҳои дигари Пешниҳоди маблағгузорӣ ба таври муфассал баррасӣ мегардад.

Ҷадвали 5: Заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ: Ӯзбекистон5

Санад	Мазмуни дахлдор
Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон	Баробарӣ ва роҳ надодан ба табъизро муқаррар менамояд; заминаи ҳуқуқиро барои таҳияи сиёсати ҳассос ба гендер дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла идоракунии захираҳои табиӣ, кишоварзӣ, муҳити зист ва амалҳои иқлимӣ фароҳам меорад.

Қонун дар бораи кафолатҳои ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон ва мардон (соли 2019)	Баробарии гендериро муайян мекунад, табъизро манъ месозад ва механизмҳои экспертизаи гендерӣ ва татбиқи муассисаҳои давлатиро – омилҳои асосии сиёсати одилонаи кишоварзӣ, муҳити зист ва иқлимро – тақвият медиҳад.
Стратегияи ноил шудан ба баробарии гендерӣ то соли 2030	Афзалиятҳои дарозмуддати баробарии гендериро, аз ҷумла иштироки иқтисодӣ ва роҳбарикунандаро муқаррар мекунад; пешрафтҳои омори гендерӣ, чаҳорчӯбаи мониторинг ва нишондиҳандаҳои мувофиқ ба ҲРУ, ки ба аҳолии осебпазири деҳот ва иқлим алоқаманданд.
Раванди банақшагирии мутобиқшавии миллӣ	Гендер ва фарогирии иҷтимоиро ҳамчун принсипҳои фарогир ҷойгир мекунад; ҷузъҳои мутобиқшавии барвақти соҳавӣ бештар ба кишоварзӣ, об, гуногунии биологӣ ва устувории деҳот тамаркуз намуда, ба равандҳои банақшагирии фарогир таваҷҷуҳи бештар медиҳанд.
Стратегияи рушди кишоварзӣ барои солҳои 2020-2030	Асосҳои миллии ислоҳот ва навсозии кишоварзиро муайян мекунад; навсозиҳои охирин хизматрасониҳои ҳушманд ба иқлимро барои деҳқонони хурд, аз ҷумла системаҳои васеъшудаи агрометеорологиро, ки бевосита ба қобилияти мутобиқшавии занон дар системаҳои истеҳсолии ба об ва иқлим ҳассос алоқаманд аст, тақвият мебахшад.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Ҷонибҳои асосии манфиатдор

Ҷадвали 6: Харитасозии ҷонибҳои манфиатдор: Ӯзбекистон6

Ҷонибҳои манфиатдор	Ваколат
Кумитаи оила ва занон	Ҳамоҳангсозии сиёсати миллии гендериро роҳбарӣ мекунад; стратегияҳои гендериро татбиқ менамояд, системаҳои муҳофизатиро дастгирӣ мекунад ва дар равандҳои байнисоҳавии марбут ба иқлим, кишоварзӣ ва рушди деҳот ширкат меварзад.
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон	Пешрафти маълумоти гендерӣ ва нишондиҳандаҳои ба ҲРУ мутобиқшударо таъмин мекунад; бо Созмони Занҳои СММ ва ФАО барои таҳкими маҷмӯаҳои маълумоти аз рӯи гендер тақсимшуда дар деҳот ва кишоварзӣ, ки барои амалҳои вобаста ба иқлим ва гендер заруранд, ҳамкорӣ менамояд.
Вазорати кишоварзӣ	Барои идоракунии зироатпарварӣ, чорводорӣ, обёрӣ, замин ва чарогоҳҳо масъул аст; ба дастрасии занон ба замин, хизматрасониҳои машваратӣ, об, бозорҳо ва воситаҳои рӯзгузаронии кишоварзии ба иқлим устувор таъсир мерасонад.
Шӯрои иқлим (дар назди Президент таъсис дода шудааст, соли 2024)	Мақоми олии машваратӣ ва ҳамоҳангсозӣ оид ба коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он мебошад; иҷрои уҳдадориҳои Ӯзбекистонро дар доираи UNFCCC ва Созишномаи Париж назорат мекунад, вазорату идораҳоро ҳамоҳанг месозад ва пешрафти миллиро дар сиёсати иқлимӣ, аз ҷумла мутобиқсозии гендерӣ, таъмин менамояд.
Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ	Таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи миллии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро роҳбарӣ мекунад; кумаки иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занон, кӯдакон, маъюбон ва хонаводаҳои камдаромадро бо таваҷҷуҳ ба осебпазирии вобаста ба иқлим ва дастгирии вокуниш ба зарбаҳо ҳамоҳанг месозад.
Вазорати шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ	Масъул барои сиёсати миллии шуғл, муносибатҳои меҳнатӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва барномаҳои бозори меҳнат; дар фарогирии иқтисодии занон, диверсификатсияи воситаҳои рӯзгузаронӣ, рушди малакаҳо ва дастрасӣ ба имкониятҳои даромади марбут ба устувории иқлим нақши калидӣ мебозад.
Агентии кор бо ҷавонон	Сиёсат ва барномаҳои давлатии ҷавононро амалӣ менамояд; иштироки ҷавонон, рушди малакаҳо, шуғл ва ҷалби шаҳрвандиро, аз ҷумла барои занони ҷавон ва ҷавонони деҳот, ки барои устувории байни наслҳои иқлим ва фарогирии иҷтимоӣ аҳаммият доранд, дастгирӣ мекунад.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

3. Таҳлили гендерӣ дар сатҳи барнома

Таҳлилҳо дар сатҳи кишвар, ки дар Боби 2 оварда шудаанд, барои баҳодиҳии муфассалтар ва вобаста ба шароити маҳаллӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирии иҷтимоӣ замина фароҳам меоранд. Ин боб муносибатҳои гендерӣ ва динамикаи иҷтимоиро дар минтақаҳои мушаххаси ҳар се кишвар баррасӣ намуда, фаҳмиши мақсаднокро дар бораи норасоиҳои ҷиддии гендерӣ, мушкилоте, ки занон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, инчунин имкониятҳои равшан барои фароҳам овардани манфиат ба онҳо пешниҳод мекунад. Боб ба тавсифи хулосаҳое тамаркуз мекунад, ки аз истифодаи равиши ба ҷонибҳои манфиатдор

нигаронидашуда ба даст омадаанд (он маълумоти умумимиллӣ ва баррасии адабиётро, ки қаблан зикр шуда буданд, мукаммал мегардонад) ва ҳамчун асос барои таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирии барнома (Боби 0) хидмат мекунад.

3.1 Раванд

Дар моҳи феврали соли 2026 як қатор ҷаласаҳои дурӯзаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар ду ноҳияи интихобшудаи ҳар як кишвар, ки хусусиятҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва истифодаи заминро дар минтақаҳои мақсадноки барнома инъикос мекунанд, гузаронида шуданд. Рӯзи аввал ҳамчун семинари фаромарзӣ ташкил карда шуд, ки дар он як қатор иштирокчиёни намояндагӣ – занон, мардон ва ҷавонон аз муассисаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кумитаҳои кор бо ҷавонон, муассисаҳои бонкии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои истифодабарандагони чарогоҳҳо, намояндагони бахши хоҷагии ҷангал, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, СҒҲ-ҳои маҳаллӣ, инчунин шуъбаҳои кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист ва маориф гирди ҳам омаданд. Рӯзномаи семинар ҳамаи ҷузъҳои асосии барномаро фаро гирифта, чаҳорчӯбаи заруриро барои ҷаласаҳои нимаи дуюми рӯз оид ба масъалаҳои КЭИ ва гендерӣ фароҳам овард. Ба ин ҷаласаҳо занони ҷомеашиноси ботаҷрибаи маҳаллӣ роҳбарӣ мекарданд. Ҷаласаи гендерӣ аз се қисм иборат буд: 1) муаррифии муқаддимавӣ, ки ҳадафи Замимаи гендерии ХИС ва хулосаҳои асосиро аз баррасии назариявӣ шарҳ медод; 2) мубоҳисаи умумӣ (пленарӣ), ки фаҳмиши иштирокчиёнро дар бораи нақш ва масъулиятҳои занон, мардон ва ҷавонон дар амалияҳои кунунии истифодаи замин ҷамъоварӣ мекард; ва 3) ҷаласаи гурӯҳӣ, ки дар он иштирокчиён ба гурӯҳҳои хурдтар тақсим шуда, чор самти асосии гендериро муҳокима карданд: таҷриба ва иштирок; дониш, эътиқод ва меъёрҳои иҷтимоӣ; ҳуқуқ ва мақоми қонунӣ ва анъанавӣ; ва ваколат, қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба дороиҳо ва захираҳои молиявӣ. Дар Замимаи 1 варақаҳои фаъолият, ки барои роҳнамоии ин муҳокимаҳои гурӯҳӣ истифода шудаанд, оварда шудаанд[1].

Рӯзи дуюм ба силсилаи мусоҳибаҳо бо ахбордиҳандагони асосӣ (МАИ) ва муҳокимаҳои гурӯҳии мақсаднок (МГМ) бо ашхоси алоҳида, ки махсусан ба масъалаҳои КЭИ ва гендерӣ тамаркуз мекарданд, бахшида шуд. Дар ҳар як ноҳия МГМ-ҳо танҳо барои занон гузаронида шуданд, ки дар онҳо муҳокимаҳо оид ба эҳтиёҷоти хоси гендерӣ, монеаҳо ва дастгирии эҳтимолӣ барои таъмини ҷалби пурмазмун, тавсеаи имкониятҳо ва намояндагии занон ва ҷавонон дар доираи фаъолиятҳои ба нақша гирифташудаи барнома равона карда шуданд. Барои роҳнамоии ин муҳокимаҳо саволҳои зерин истифода шуданд:

- Чӣ тавр мо метавонем дастрасии занон ва ҷавононро ба иттилоот ва хизматрасониҳои машваратии техникӣ оид ба амалияи истифодаи замин беҳтар кунем?
- Барои ташкили кооперативҳои устувори занону ҷавонон ва КХМ, чӣ гуна дастгирӣ лозим аст?
- Кадом дастгирӣ метавонад барои бартараф кардани мушкилоти вобаста ба ҳаракат, вақт ва корҳои хонагӣ, ки ба қобилияти занон барои иштирок дар амалияҳои истифодаи замин таъсир мерасонад, кумак расонад?
- Барои дастрасии занон ва ҷавонон ба маблағгузорӣ (қарзҳо, таъсиси суратҳисобҳои амонатӣ ва ғайра) ва механизмҳои суғурта чӣ гуна дастгирӣ лозим аст ва чӣ монеаҳо вуҷуд доранд?
- Чӣ тавр мо метавонем ҷалби занон ва ҷавононро беҳтар созем ва овози онҳоро дар платформаҳои қабули қарорҳо дар сатҳи ҷомеа, ноҳия ва сиёсат баланд бардорем?

МАИ бо намояндагони маҳаллии кумитаҳои кор бо занон ва оила низ гузаронида шуд, ки ҳам мавзуъҳои КЭИ ва ҳам масъалаҳои гендериро фаро мегирифтанд.

Зерфаслҳои зерин натиҷаҳои ин муҳокимаҳоро ҷамъбаст намуда, ба таври махсус ба тафовути нақш ва масъулиятҳои занон, мардон ва ҷавонон дар амалияҳои кунунии истифодаи замин; таъсири тағйирёбии иқлим ва муҳити зист ба занони ин ҷамоатҳо; мушкилот ва мулоҳизаҳое, ки ба қобилияти занон ва ҷавонон барои иштирок дар фаъолиятҳои истифодаи замин таъсир мерасонанд; ва чораҳои эҳтимолии дастгирӣ, ки метавонанд онҳоро бартараф ё сабук кунанд, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дар Замимаи 2 ин натиҷаҳо дар шакли ҷадвал оварда шудаанд.Замимаи 2: Ҷадвали ҷамъбастии натиҷаҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор2

3.2 Натиҷаҳо

3.2.1 Ҷумҳурии Қирғизистон

Натиҷаҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдори мо нишон медиҳанд, ки чӣ тавр занон ва ҷавонон қисми зиёди меҳнати кишоварзиро дар Бозор-Қӯрғон ва Қаросув иҷро мекунанд, вале зери таъсири меъёрҳои маҳдудкунандаи гендерӣ ва фишорҳои афзояндаи иқлим фаъолият мебаранд. Иштирокчиён занонро

[1] Ин фарогирии васеъро нишон медиҳад – гурӯҳҳои иштирокчиён дар ҳар як кишвар вобаста ба зарурат гуногун буданд.

ҳамчун маркази кишоварзии сатҳи хонавода тавсиф карданд, ки аксаран нигоҳубини кӯдак, уҳдадориҳои хонагӣ ва истеҳсолоти хурд, аз қабили қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва нигоҳубини чорворо мувозинат намуда, ҳамзамон дар корҳои мавсимӣ кумак мекунанд ва дар баъзе мавридҳо, ҳангоми муҳоҷирати мардҳо, муваққатан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ роҳбарӣ мекунанд. Ҷавонон, бахусус наврасон, дар мавсимҳои серталаб ба меҳнат, аз қабили ҷамъоварии пахта нақши муҳим мебозанд, ҳарчанд бисёре аз онҳо бо дурнамои маҳдуди иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Масалан, дар Қаросув муҳоҷирати зиёди ҷавонон ба осебпазирӣ ва бесуботии хонаводаҳо мусоидат мекунад.

Иштирокчиён фаҳмонданд, ки механизатсия эҳтиёҷ ба меҳнати дастии занонро дар баъзе зироатҳо кам кард, вале сарбории умумии онҳоро, ки дар натиҷаи стрессҳои вобаста ба иқлим торафт бештар мегардад, кам накард. Занон, бахусус дар Қаросув, аз норасоии шадиди об ва гармои шадид ёдовар шуданд, ки қобилияти кории онҳоро дар беруни бино маҳдуд мекунад ва ҳосили картошка ва ҷуворимаккаро коҳиш медиҳад. Аъзои ҷамоат инчунин таназзули тадриҷии экологиро дар чарогоҳҳои тобистона, аз ҷумла кам шудани дастрасӣ ба гиёҳҳои худрӯй, ки ба таври анъанавӣ аз ҷониби кӯдакон ҷамъоварӣ карда мешаванд, қайд карданд, ки ин аз тағйироти васеътари муҳити зист, ки ба воситаҳои рӯзгузаронии хонаводаҳо таъсир мерасонанд, гувоҳӣ медиҳад. Дар ҳарду ноҳия иштирокчиён пайваста меъёрҳои мустаҳкамшудаи иҷтимоию фарҳангиро ҳамчун монеаҳои асосӣ барои иштироки пурмазмуни занон дар қабули қарорҳо, омӯзиш ва фаъолиятҳои беруна таъкид карданд. Ин маҳдудиятҳо махсусан дар Қаросув зоҳир мегардад, ки дар он ҷо занон фаҳмонданд, ки дар ҳузури мардон сухан намегӯянд, дар маҷлисҳо кам иштирок мекунанд ва мустақилона нақлиёт ташкил карда наметавонанд ва дар чорабиниҳои саҳроӣ иштирок карда наметавонанд. Сохторҳои қудратӣ, ки аз ҷониби мардон бартарӣ доранд, бахусус пирони бонуфуз, ин маҳдудиятҳоро тақвият медиҳанд ва афзоиши консерватизми динӣ ҳамчун омили боз ҳам маҳдудтаргардонии нақшҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодии занон тавсиф карда шуд.

Илова бар ин, иштирокчиён маҳдудиятҳои амалиеро тавсиф карданд, ки иштироки онҳоро ташаккул медиҳанд. Бисёре аз онҳо барои иштирок дар тренингҳо ба иҷозати шавҳарон ё хушдоманҳо ниёз доранд, дар ҳоле ки масъулиятҳои нигоҳубини кӯдак ва назорати маҳдуди замин ё моликият дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва қабули қарорҳоро маҳдуд мекунанд. Бархе аз иштирокчиён ба хатарҳои иҷтимоӣ, ба мисли рашк ё муноқишаи оилавӣ, ки дар натиҷаи муошират бо кормандони барнома ба миён меоянд, ишора карданд, ки ин ба он таъсир мерасонад, ки оё занон ҳангоми иштирок дар фаъолиятҳои беруна худро бехатар ҳис мекунанд ё на. Ин мушкилот ба сатҳи пасти эътимод ба ташаббусҳои беруна мусоидат мекунанд ва баъзе занон умуман дар вохӯриҳо иштирок накарданро авлотар медонанд.

Сарфи назар аз ин маҳдудиятҳо, занон дар Бозор-Қӯрғон дар бораи имкониятҳо барои тақвияти малака ва эътимоди худ хабар доданд. Иштирокчиён дастрасӣ ба мактабҳои гендерӣ, давраҳои омӯзишии ҷамоатӣ, ки дар онҳо занон дастурҳои амалӣ мегиранд, ки донишҳои кишоварзӣ ва салоҳияти техникии онҳоро баланд мебардоранд, ва омӯзиши махсусеро, ки занонро ҳамчун нозирони маҳаллии биологӣ омода мекунанд, ҳамчун роҳи муҳими густариши донишҳои кишоварзӣ ва эҷоди иқтидори роҳбарӣ таъкид карданд. Ин ташаббусҳо ҳамчун василаи кумак ба занон дар пайдо кардани салоҳияти техникӣ ва тадриҷан баланд бардоштани эътирофи онҳо дар дохили хонаводаҳо ва ҷомеа тавсиф карда шуданд. Иштирокчиён инчунин қайд карданд, ки баъзе занон аз кумакҳои молиявии аз ҷониби давлат пешниҳодшуда баҳра мебаранд. Дар Қаросув, занон гузориш доданд, ки 150 000 сомӣ қирғизӣ кумакпулии иҷтимоиро барои таъсиси корхонаҳои хурд, аз қабили коргоҳҳои дӯзандагӣ, нонпазӣ ё корхонаҳои хурди чорводорӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин, ҷалби ҷонибҳои манфиатдор хатҳои қарзии мавҷудаи аз ҷониби ҳукумат дастгирӣшавандаро тавассути «Айыл Банк», аз ҷумла маблағгузории махсус барои обёрии қатрагӣ ва системаҳои боронӣ муайян намуд, ки онҳо барои ҳалли мушкилоти норасоии оби вобаста ба иқлим муҳим арзёбӣ шуданд. Гуфта мешавад, ки занони муҷарради дорои молу мулк ба қарзҳои онлайнӣ ё бе гарав дастрасӣ доранд, дар ҳоле ки ҷавонон баъзан метавонанд бо истифода аз гарави волидайн маблағгузорӣ гиранд. Сохторҳои институтсионалии маҳаллӣ инчунин дар ташаккули дастрасии занон ба дастгирӣ, ҳимоя ва иттилоот нақши марказӣ мебозанд. Шӯроҳои занон (Женсовет) ва Марказҳои ҷамъиятии пешгирӣ (OPSZ) пайваста ҳамчун механизмҳои боэътимод муайян карда шуданд, ки тавассути онҳо занон ба кумак муроҷиат мекунанд, нигаронихои худро баён месозанд ва ба муроҷиатҳо оид ба масъалаҳои ҳассос, аз ҷумла муноқишаҳои оилавӣ дастрасӣ пайдо мекунанд. Ин сохторҳо дар ҳолати зарурӣ бо кормандони иҷтимоӣ, мақомоти деҳа ва полис ҳамоҳанг карда, онҳоро ҳамчун шарикони асосӣ барои сафарбаркунии барнома, баррасии шикоятҳо ва ҷалби масъалаҳои гендерӣ ҷойгир мекунанд.

Бо дарназардошти ин бозёфтҳо, иштирокчиён ба зарурати дастгирии барномавии аз ҷиҳати фарҳангӣ ҳассос ва вобаста ба гендер таъкид карданд. Занон аҳаммияти фароҳам овардани фазои танҳо барои занон ва мусоидат аз ҷониби миёнаравҳои боэътимодро барои таъмини иштироки бехатар ва пурмазмун таъкид намуданд. Онҳо инчунин қайд карданд, ки монеаҳои логистикӣ, аз қабили нақлиёт, кумакпулии сафар ва манзил барои тренингҳои бисёррӯза бояд барои беҳтар кардани дастрасӣ ҳал карда шаванд. Таъмини дастрасии баробар ба омӯзиш, маблағгузорӣ ва имкониятҳои роҳбарӣ, аз ҷумла дастгирӣ ба кооперативҳои таҳти роҳбарии занон ва роҳҳои нави таълимӣ барои таҳкими ваколати онҳо муҳим хоҳад

буд. Ҳамкории зич бо Шӯроҳои занон ва сохторҳои OPSZ борҳо ҳамчун омили муҳим барои сафарбаркунии самаранок, иштироки фарогир ва гузоришдиҳии махфӣ таъкид гардид.

3.2.2 Тоҷикистон

Занон дар истифодаи замин ва амалияи кишоварзӣ ҳам дар Деваштич ва ҳам дар Қубодиён нақши назаррас, вале асосан ғайрирасмӣ мебозанд. Хоҷагиҳои занона дар ҳарду ноҳия аз 5 то 7 фоизи тамоми хоҷагиҳоро ташкил медиҳанд ва ба моделҳои кооперативӣ ҳамоно асосан аъзоёни мард роҳбарӣ мекунанд. Дар Деваштич бонувон ба нигоҳубини боғҳо, боғдорӣ, боғдории хурд, омода кардани хок, коркарди пас аз ҷамъоварии ҳосил, парвариши чорво ва фурӯш дар бозори маҳаллӣ машғуланд. Дар ҳоле ки дар Қубодиён занон дар парвариши зироатҳои обӣ (шинондан, тоза кардани алафҳои бегона, ҷамъоварии ҳосил), бахусус дар сабзаворкорӣ ва меҳнати мавсимии кишоварзӣ саҳми назаррас доранд. Ин кор дар хоҷагиҳои оилавӣ қариб ҳамеша бемузд аст, яъне саҳми молиявии онҳо ба иқтисодиёти хонавода «ноаён» маҳсуб мешавад – ҳарчанд дар Деваштич як муассисаи кишоварзӣ гузориш дод, ки аз 61 корманди расмӣ 45 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Корхонаҳое, ки таҳти роҳбарии занон фаъолият мекунанд, вуҷуд доранд, вале асосан хурд буда, ба коркарди маҳсулот, парвариши лиму, хушконидани меваҳо, консервкунӣ, дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ тамаркуз мекунанд.

Бар хилофи ин, хоҷагиҳои аз ҷониби мардон идорашаванда бо андозаи калонтари қитъаҳо, парвариши зироатҳои тиҷоратӣ, истифодаи техника ва дастгирии логистикӣ барои дастрасӣ ба бозорҳои фосилавӣ ё яклухт тавсиф меёбанд. Бо вуҷуди ин, аз сабаби муҳоҷирати мавсимии мардон, занон масъулияти васеъро ҳам барои фаъолияти хоҷагӣ ва ҳам барои таъмини амнияти озуқавории хонавода ба дӯш мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки занон ҳоло ҳам нақшҳои анъанавии мардон ва ҳам занонро иҷро мекунанд. Ин талаботи иловагии меҳнатӣ дар мавсими авҷи корҳои кишоварзӣ боиси зиёд шудани сарбории ҷисмонӣ барои занон ва ҷавонон (ки метавонанд ба саломатии онҳо таъсири манфӣ расонад) ва кам шудани вақт барои имкониятҳои таҳсилоти ҷавонон мегардад. Муҳоҷирати ҷавонон низ дар ҳарду минтақа нисбатан баланд аст, аммо онҳое, ки дар ин ноҳияҳо зиндагӣ мекунанд, дар корҳои саҳроӣ ва инчунин маркетинги кишоварзӣ тавассути платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ иштирок намуда, дар муайян кардани имкониятҳои нави бозор ва кумак ба оилаҳо дар дастрасӣ ба иттилооти кишоварзӣ тавассути интернет саҳм мегузоранд.

Тағйироти назарраси иқлим ва муҳити зист сарбории занонро дар ҳарду ноҳия зиёд мекунад, махсусан вақте ки об бояд ба таври дастӣ интиқол дода шавад (бо назардошти он, ки занон пеш аз ҳама барои идоракунии оби хонавода масъуланд) ё вақте ки нокомии ҳосил стратегияҳои иловагии муборизаро талаб мекунад. Дар Деваштич ҷамоатҳо изҳор доштанд, ки боришоти афзояндаи номунтазам ва кам шудани дастрасӣ ба оби обёрӣ ба ҳосилнокии боғҳо, ҳосили картошка ва нигоҳ доштани намии хок таъсири манфӣ мерасонад. Ва дар Қубодиён инфрасохтори бесамари обёрӣ, баланд шудани сатҳи шӯршавии замин дар баъзе минтақаҳо ва болоравии ҳарорати тобистон ба кам шудани ҳосили зироатҳо мусоидат мекунанд.

Қарорҳои марбут ба кишоварзӣ, аз ҷумла усулҳои парвариш, хариди техника ва фурӯши миқёси калон, ҳанӯз ҳам асосан аз ҷониби мардон назорат карда мешаванд. Даромадро ҳам мардон ва ҳам занон ба даст меоранд, аммо назорат аз болои маблағҳои калон ба таври умум дар дасти мардон аст, дар ҳоле ки занон хароҷоти ҳаррӯзаи хонаводаро ба уҳда доранд. Дар ҳарду ноҳия модели машваратии муштарак байни зану шавҳар вуҷуд дорад, аммо қарорҳои ниҳоӣ дар бораи сармоягузории калон аз ҷониби шахсе қабул карда мешавад, ки ҳуҷҷатҳои расмии заминро дар ихтиёр дорад. Сарфи назар аз ислоҳоти ахири замин ва грантҳои президентӣ, ки ҳоло ҳуқуқи замини занонро расман эътироф мекунанд (бо он ки ҳоло номи занон бояд ҳатман дар шаҳодатномаҳои истифодаи замини хоҷагӣ дохил карда шавад), тағрибаҳои анъанавӣ ҳанӯз ҳам ба писарон, ки маъмулан заминро мерос мегиранд, бартарӣ медиҳанд. Ин ба дастрасии занон ба хизматрасониҳои молиявӣ ва қарз таъсири мустақим дорад, ки бинобар набудани гарав, фоизи баланд ва мафҳуми «иҷозати шавҳар ё падар» ҳамчун як қоидаи нонавишта маҳдуд боқӣ мемонад. Грантҳои давлатӣ ва барномаҳои байналмилалӣ ба занон дар бахши КХҶДИЗ то як андоза кумаки молиявӣ мерасонанд, аммо ин барои харидани технологияҳои муосир ё пешниҳоди ҳалли дарозмуддати маблағгузории устувор нокифоя ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки лоиҳаҳои рушд, аз қабили ин барнома, механизмҳои молиявии фарогир, дастрас ва устуворро (грантҳои хурд, қарзҳо, суръатбахшии воридсозии технологияҳо) барои занон ва ҷавонон, ки метавонанд аз ҷониби муассисаҳои расмии молиявии дар ҳарду ноҳия амалкунанда (масалан, ТМҚ ба мисли Имон Интернешнл, Арванд, Амонатбонк, Бонки Эсхата) пешниҳод карда шаванд, таҳия намоянд.

Ғайр аз доираи хонавода, иштироки занон дар мақомоти расмии қабули қарорҳо, ба монанди Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва кумитаҳои маҳаллии замин, маҳдуд боқӣ мемонад. Меъёрҳои иҷтимоӣ, эътимоди маҳдуд, монеаҳои сарбории корӣ ва набудани даъвати мақсаднок ба вохӯриҳо намояндагии занонро дар равандҳои банақшагирии марбут ба нақшаи обёрӣ, идоракунии чорогоҳҳо ва тақсимоти замин коҳиш медиҳад. Ҳамин масъалаҳо ба қобилияти занон барои дастрасӣ ва баҳрабардорӣ аз хизматрасониҳои кишоварзӣ ва омӯзиши техникӣ оид ба консепсияҳои марбут ба тағрибаҳои ба иқлим тобовар ва устувори истифодаи замин халал мерасонанд. Дарсҳоро аз лоиҳаҳои

қаблӣ дар Девештич гирифтан мумкин аст, ки дар он занони манфиатдор бартариҳои муқаррар кардани квотаҳо (масалан, 30% иштироки занон дар тренингҳо) ва таъмини дастрасии мустақими занон ба таҷҳизоти кишоварзиро қайд карданд. Дастгирии барнома инчунин бояд роҳҳои беҳтари ҳамкорӣ, тавсеаи имкониятҳо ва дастгирии мақомоти мавҷудаи ғайрирасмии таҳти роҳбарии занонро, ба мисли гурӯҳҳои худкумакрасонӣ/пасандозҳо ва кооперативҳои хурд, баррасӣ кунад.

Эҳсосоти ҳамаҷониба ва пайвастаи як қатор ҷонибҳои манфиатдори зан, ки дар ин раванд ҷалб шудаанд, аҳаммияти муқаррар кардани квотаҳо барои иштироки занон дар фаъолиятҳои рушди иқтидор, мусоидат ба дастрасии мустақим ба платформаҳои қабули қарорҳо, таъмини вақт ва макони мувофиқ барои тренингҳо ва вохӯриҳо, равандҳои шаффофи ҳуҷҷатгузорӣ, таъсиси системаи махфӣ ва боварибахшро инъикос мекунанд, ки ҳамчун миёнарав дар тамоми равандҳои барнома хидмат мекунанд.

3.2.3 Ӯзбекистон

Дар саросари навоҳии Бешариқ ва Янгиқӯрғон, динамикаи гендерии кишоварзӣ ва истифодаи замин таҳти таъсири шадиди муҳоҷирати мардон ва стрессҳои иқлимӣ қарор дорад, вале ҳамзамон аз талошҳои пешқадами ахири ҳукумати миллӣ ва муассисаҳои молиявӣ низ таъсири мусбат мебинад.
Дар ҳарду ноҳия бештари корҳои амалии саҳро, парвариши чорво ва корҳои рӯзгории хонаводаро занон ба дӯш доранд (онҳо одатан тақрибан ним "сотих" (50 метри мураббаъ) заминеро, ки дар он картошка, помидор ва бодиринг мекоранд, идора мекунанд) ва дар Бешариқ тақрибан 30 фоизи хоҷагиҳоро занон идора мекунанд. Занон инчунин ҳамчун як пайванди пайвасткунанда дар ҷамоатҳои худ амал мекунанд. Онҳо дар маҷлисҳои хурди маҳаллӣ иштирок мекунанд ва дар огоҳ кардани дигарон дар бораи рӯйдодҳо ва чорабиниҳои деҳа саҳм мегузоранд. Мардон ба вазифаҳои маъмурӣ, стратегӣ ва марбут ба мошинсозӣ майл доранд. Бо вуҷуди ин, ба мисли Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон, муҳоҷирати мардон дар ҳарду ноҳия масъулиятҳои занонро зиёд намуда, нақши онҳоро ба идоракунии фаъолиятҳои васеъмиқёси кишоварзӣ фаро гирифтааст.

Якчанд мушкилоти экологӣ ва иқлимӣ дар ин ноҳияҳо инчунин ба воситаҳои зиндагии маҳаллӣ таъсир мерасонанд, ки ин сарбории меҳнати занонро бевосита зиёд мекунад. Ба инҳо хушксолӣ, нарасидани об (аз ҷумла аз сарчашмаҳои обҳои фаромарзӣ, ки барои обёрӣ дар ҷойҳои муайян заруранд) ва кам шудани бориши барф дохил мешаванд. Зироатҳои дуюмдараҷа низ хушк мешаванд, сатҳи обҳои зеризаминӣ дар давраи хушксолии тӯлонӣ коҳиш меёбад ва шамолҳои шадид ва ғайримуқаррарӣ ба боғҳо ва ҳавлиҳои хонагӣ, ки аз ҷониби занон идора карда мешаванд, зарар мерасонанд.

Ҷалби занон ба меҳнати пас аз ҷамъоварии ҳосил, ба монанди навъбандӣ, бастабандӣ ва дастгирии маркетинг, инчунин ба корхонаҳои оилавӣ ва кооперативҳо арзиши назаррас медиҳад, аммо ин кор асосан ғайрирасмӣ боқӣ мемонад ва аксар вақт ба музди ҳаррӯза асос меёбад. Дар ҳоле, ки маблағгузории хонавода маъмулан дар байни ҳамсарон муттаҳид карда мешавад ва ба таври ошкоро муҳокима мегардад, мутобиқати қарз аксар вақт ба i) мақоми расмии шуғл (ки асосан ба аъзоёни мардони оила тааллуқ дорад) ва ii) қобилияти дастрасӣ ба гарав дар асоси замин вобаста аст. Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки монеаҳои расмии гендерӣ барои дастрасӣ ба замин дар қонун ҳадди аққал ҳастанд, монеаҳои амалӣ дар қабули қарорҳо дар бораи иҷора ва коркарди кадастр боқӣ мемонанд. Ба замин аксар вақт тавассути музоядаҳо ё моликияти оилавӣ дастрасӣ пайдо мешавад, ки таъсири назаррасро ҳанӯз ҳам дар бисёр заминаҳои қабули қарорҳо мардони калонсол нигоҳ медоранд.

Сиёсати давлат ба иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ нигаронида шудааст ва худи занон хеле фаъолтар шудаанд. Тавассути ташаббусҳои ҳукумат ва бонкҳо, аз қабили Қарори № 585, қарзҳои имтиёзнок ё бефоиз[2] барои занон ва кадрҳои махсус оид ба кор бо занон дар бонкҳои маҳаллӣ, имкониятҳои бештар барои соҳибкорӣ ва таҳсилоти занон фароҳам оварда мешаванд. Ин боиси ворид шудани занон ба соҳаҳои техникӣ дар бахши КХҶДИЗ ва таъсиси корхонаҳои таҳти роҳбарии занон дар занҷирҳои арзиши кишоварзӣ гардид. Дар соли 2025 дар Янгиқӯрғон беш аз 714 нафар занон хоҳиши ба соҳибкорӣ машғул шуданро изҳор намуданд, ки аз ин шумора беш аз 500 нафарашон аз ҳисоби гирифтани қарзи бонкӣ (аз ҷумла қарзҳое, ки барои занон хариди гармхона, чорводорӣ ва дигар ташаббусҳои кишоварзиро дастгирӣ намуданд) ба фаъолияти соҳибкорӣ шурӯъ кардаанд. Масалан, айни замон як зан ширкати "Агро Пилла"-ро[3] идора мекунад ва занони соҳибкори муваффақ ба пешбурди имкониятҳои иқтисодии занон мусоидат намуда, ҳамчун мураббӣ фаъолият мекунанд ва барои ҳамсолони зан ҷойҳои корӣ эҷод менамоянд.

Ҷавонон инчунин барои дастгирии корхонаҳои оилавӣ тавассути маркетинги онлайн, фурӯши рақамӣ ва логистика сафарбар карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, барои бартараф кардани мушкилоти муҳоҷирати

---

2 масалан, қарзҳои таҳсилӣ ба занон бе фоиз дода мешаванд, дар ҳоле ки барои мардон меъёри фоизӣ 18% аст. Дар доираи барномаи «Ҳамроҳ» занон метавонанд бе кафил то 100 миллион UZS қарз гиранд.

3 бузургтарин кластери кишоварзӣ дар Намангон

назарраси ҷавонон, зарурати ба расмият даровардани иштироки ҷавонон дар бахши КХҶДИЗ бо истифода аз шавқу ҳавас ва малакаҳои онҳо вуҷуд дорад. Ин роҳҳои васеъшавандаи омӯзишро дар рушди тиҷорат, саводнокии рақамӣ ва идоракунии молиявӣ ва инчунин роҳҳои равшани дастрасӣ ба қарз ва бозорҳоро талаб мекунад.

3.2.4 Хулосаҳои мавзуъҳои умумӣ

Хулоса, машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор таъкид карданд, ки муҳоҷирати густурдаи мардон масъулияти занонро барои фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъмини амнияти озуқавории хонавода дар бисёре аз навоҳии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон то чӣ андоза ба таври назаррас афзоиш додааст. Ин боиси он гардид, ки занон ҳам нақшҳои анъанавии мардон ва ҳам занонро иҷро мекунанд. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар бисёр соҳаҳо боқӣ мемонанд, ки дар он ҷо занон то ҳол ваколат, эътирофи расмии меҳнат, ҳуқуқи замин ва дастрасӣ ба малакаҳои техникӣ ва технологияро барои иҷрои самаранок ва бо подош ва эътирофи одилонаи вазифаҳои худ надоранд. Ин мушкилот бо таъсири тағйирёбии иқлим, аз хушксолӣ ва ҳарорати аз ҳад баланд то норасоии об ва кам шудани бориши барф ва шамолҳои ғайримуқаррарӣ ва тӯфонҳои чангу ғубор, ки ҳамаи онҳо ба ҳосилнокии истифодаи замин ва идоракунии васеътари захираҳои табиӣ таъсир мерасонанд, боз ҳам шадидтар мешаванд.

Аз ин рӯ, барномаи пешниҳодшуда аз ҷониби занон ва гурӯҳҳои ҷавонон бо назардошти имкониятҳои он барои фароҳам овардани воситаҳои бештар устувор, фарогир ва боэътимоди рӯзгузаронӣ, ба шарте ки дастгирии кофӣ, мувофиқ ва мақсаднок, ки ба ниёзҳо, шароит ва манфиатҳои мушаххаси онҳо мувофиқат мекунад, таъмин карда шавад, мусбат пазируфта шуд.

3.3 Тавсияҳо

Бозёфтҳои дар боло овардашуда дар бораи контексти умумии иҷтимоӣ ва динамикаи гендерӣ, ки дар он барнома ниҳоят амал хоҳад кард, фаҳмиши арзишманд пешкаш мекунанд. Тадбирҳои эҳтимолӣ (харитаи муқоисавӣ бо мушкилоти гендерӣ/норасоиҳои муайяншуда), ки дар зер оварда шудаанд, ҳам таҳлили дар Боби 2 овардашуда, ҳам фикру мулоҳизаҳои дар Боби 3.2 тавсифшуда бо ҷонибҳои манфиатдор ва саҳми коршиносони ҷомеашиносони маҳаллӣ, ки дар ҳар як кишвар қарор доранд, ба инобат мегиранд. Инҳо дар ҳолати зарурӣ дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (Боби 4) тавассути табдил додани онҳо ба амалҳои воқеӣ, ки мустақиман ба фаъолиятҳои барнома алоқаманданд, инъикос хоҳанд ёфт.

Ҷадвали 7: Норасоиҳои гендерӣ ва чораҳои тавсияшуда7

Норасоии гендерӣ ё монеа дар роҳи фарогирӣ	Тадбирҳои эҳтимолӣ барои бартараф намудани камбудиҳо ва монеаҳо	№ Нақшаи чорабиниҳо
Занон ба дастгирии кофии рушди соҳаи кишоварзӣ ва донишҳои техникӣ оид ба амалияҳои устувор ва ба иқлим тобовар дастрасӣ надоранд. Дар ҳолатҳое, ки чунин дастгирӣ пешниҳод карда мешавад, он аксар вақт барои занон мувофиқ нест (бо сабаби маҳдудияти рафтуомад, норасоии вақт ё маҳдудиятҳои иҷтимоӣ).	• Машваратҳо ва равандҳои омӯзишии ҳассос ба гендер, аз ҷумла фароҳам овардани фазои алоҳида барои занон ва ҷалби миёнаравҳои боэътимоди маҳаллӣ. • Таъмини рушди иқтидори техникӣ барои занони деҳқон ҷиҳати бартараф кардани фарқияти дониш байни занон ва мардон - дар вақтҳо ва маконҳое, ки барои занон мувофиқанд (яъне ба вақти иҷрои уҳдадориҳои хонагии онҳо мувофиқ буда, сафари камтаринро талаб намоянд). • Беҳтар намудани дастрасии занон ва ҷавонон ба технологияҳои обёрӣ, тухмиҳои хушсифат ва маводи кишоварзӣ.	Рамз №1, 6, 7, 8, 9, 12, 13, 16, 17, 21, 22, 23, 24
Занон дар мақомоти қабули қарорҳо оид ба банақшагирии истифодаи замин ва идоракунии захираҳои табиӣ намояндагии кам доранд - маъмулан аз сабаби решаҳои амиқи меъёрҳои патриархалӣ, набудани эътимод ба худ ва/ё сарбории зиёди кор. Занон инчунин ба моликияти замин, техника ва қитъаҳои калонтар дастрасии маҳдуд доранд ва маъмулан мардон бо истифода аз меъёрҳои меросгирии патриархалӣ қарорҳои марбут ба истифодаи заминро назорат мекунанд.	• Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ миёни мардони ҷамоат барои ташвиқи қабули қарорҳои фарогир. • Дастгирии рушди иқтидори занон барои тавонмандсозӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо ҷиҳати иштирок дар муҳокимаҳои идоракунии замин ва об. • Фаъолиятҳои фаҳмондадиҳии ҷамъиятӣ оид ба моҳияти қонунҳои миллӣ вобаста ба ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон дар соҳаи КХҶДИЗ; муҳокимаи мавзуъҳое, ба монанди ҳуқуқи моликияти одилонаи замин, қонунгузории меросгирӣ, инчунин равандҳои банақшагирии истифодаи замин бо назардошти масъалаҳои гендерӣ.	Рамз №1, 2, 3, 4, 5, 10, 11, 12, 14, 18, 21, 22
Нақши занон дар занҷирҳои арзиши истифодаи замин асосан ғайрирасмӣ ва саҳроӣ буда, аксарияти қарорҳои баъди ҷамъоварии ҳосил, бозорёбӣ ва фурӯшро мардони хонавода қабул мекунанд.	• Тақвият бахшидани кооперативҳо ва гурӯҳҳои истеҳсолие, ки таҳти роҳбарии занон ва ҷавонон қарор доранд (такрор ва васеъ намудани таҷрибаҳои муваффақ дар ҳар як кишвар) бо мақсади идоракунии беҳтари хатарҳо ва дастрасӣ ба бозор.	Рамз №6, 7, 8, 9, 14,15,16, 17, 18
Занон бинобар набудани гарав, огоҳии маҳдуд дар бораи воситаҳои молиявии мавҷуда, меъёрҳои баланди фоизӣ ва ё канормонӣ бар асари хусусияти ғайрирасмии шуғли онҳо, нисбат ба мардон ба маблағгузории мувофиқ дастрасии камтар доранд. Дар ҳолатҳое, ки грантҳои давлатӣ ва барномаҳои байналмилалӣ дастгирӣ пешниҳод мекунанд, ин маблағҳо аксар вақт барои харидории технологияҳои муосир нокифоя мебошанд.	• Тавсеаи барномаҳои бомуваффақияти молиявие, ки аллакай тавассути ҳукумат ва бонкҳои муайян пешниҳод шудаанд ва осон намудани дастрасӣ ба механизмҳои молиявии мувофиқ, аз қабили грантҳои хурд, лоиҳаҳои суръатбахши ҷорӣ намудани технологияи кишти бешудгор ё гурӯҳҳои пасандозӣ. • Ташкили омӯзишҳои саводнокии молиявӣ барои занони деҳқон ва корхонаҳое, ки аз ҷониби занон ва ҷавонон роҳбарӣ мешаванд. • Гузаронидани омӯзиш барои муассисаҳои бонкӣ оид ба роҳҳои беҳтарини ҳамкорӣ ва хизматрасонӣ ба мизоҷон аз ҳисоби занон ва ҷавонон. • Ҳавасмандгардонии бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ барои муайян намудани тафовутҳои гендерӣ дар дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва дастгирии онҳо ҷиҳати рафъи монеаҳо барои гурӯҳҳои мушаххаси занон (занони деҳот, занони деҳқон, ҳамсарони муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғ.).	Рамз №16, 17, 23, 25
Набудани эътимод ба ташаббусҳои беруна ва мушкилоти эҳтимолии	• Таъмин намудани раванди ба кор қабулкунии бидуни табъиз ва амалияи одилонаи барномавӣ; муқаррар	Рамз №19, 20, 26

гендерӣ, ки дар натиҷаи он ба вуҷуд меоянд, сабаб мешавад, ки баъзе занон умуман иштирок накарданро афзал донанд	кардани квотаҳо барои намояндагии занон ва ҷавонон дар кумитаҳо ва сохторҳои лоиҳа. • Мутобиқи уҳдадориҳои барнома оид ба ҷорӣ намудани МБШ-и ҳассос ба гендер ва ба ҷабрдидагон нигаронидашуда, таъмин намудани як намояндаи зани боэътимод (масалан, аз кумитаи маҳалла) ҳамчун миёнарав барои дастгирии занон ҳангоми пешниҳоди арзу шикоятҳо.	
Сатҳи муҳофизати ҷавонон дар маҷмӯъ баланд буда, дастрасиро ба қувваи кории маҳаллӣ маҳдуд месозад. Барои нигоҳ доштан ва баланд бардоштани малакаи ҷавонон, зарурати ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар дар таҷрибаҳои истифодаи замин ва занҷирҳои арзиш ба миён омадааст.	• Ҷалби ҷавонон бояд самтгирии мақсадноки барнома, чорабиниҳои намоишӣ ва имкониятҳои фарогирро барои баланд бардоштани малака ва табодули таҷриба дар бар гирад. Ин истифодаи малакаҳои муосири онҳоро (масалан, бозорёбии маҳсулоти кишоварзӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, идоракунии логистика ва дастрасӣ ба иттилооти онлайн оид ба кишоварзӣ ва иқлим) тақозо менамояд.	Рамз №18, 20

Манбаъ: таҳияи муаллиф

4. Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (НЧМГ)

4.1 Мулоҳизаҳои асосӣ

Бо мақсади таъмини ба таври пурмазмун ва амалӣ ворид намудани хулоса ва тавсияҳои дар арзёбии боло зикршуда ба барномаи васеътар, Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (НЧМГ) таҳия шудааст. Чорабиниҳо, нишондиҳандаҳо, муҳлатҳои татбиқ ва талабот ба захираҳои НЧМГ бо нақшаи васеътари кории барнома ва буҷети он комилан мувофиқат мекунанд. НЧМГ дар асоси мулоҳизаҳои асосии зерин қабул карда мешавад:

- **Таҷриба ва салоҳият.** Назорат, саҳми техникӣ ва мониторингу арзёбии НЧМГ ба уҳдаи якчанд корманди калидии барнома гузошта мешавад, ки ҳар кадоми онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ ваколатҳои гендерӣ доранд. Ба ин коршиносон дохил мешаванд: мушовири минтақавии КЭИ ва мушовири мониторингу арзёбии барнома, инчунин се мушовири миллии КЭИ (як нафар дар ҳар як кишвар). Шахсони масъули GIZ оид ба масъалаҳои гендерӣ дар сатҳи миллӣ низ дар ҳолати зарурӣ ҷалб карда мешаванд. Махсусан, мушовири минтақавии КЭИ банақшагирӣ, иҷро ва ҳисоботдиҳии НЧМГ-ро аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳо назорат мекунад (дар ҳамкории зич бо мушовири МваА барои таъмини мувофиқат дар ҷамъоварии маълумот ва равишҳои ҳисоботдиҳӣ); мушовири минтақавии КЭИ инчунин ҳамчун мутахассиси пешбари техникӣ барои бисёре аз фаъолиятҳои НЧМГ баромад намуда, дар ҳолати зарурӣ ба мушовирони миллии КЭИ супоришҳо медиҳад ва ба марказҳои гендерии GIZ муроҷиат менамояд. Ин сохтори кадрӣ кафолат медиҳад, ки НЧМГ дорои захираҳои зарурӣ ва ҳузури доимӣ дар саросари минтақа ва дар дохили ҳар як кишвар мебошад, то ба ҳар як макони барнома пайваста хизматрасонӣ карда шавад ва хатарҳо ба таври муассир идора ва ҳаллу фасл гарданд.

- **Мутобиқат бо Назарияи тағйироти барнома**. Бо дарназардошти саҳми ин НЧМГ дар Назарияи васеътари тағйироти (НТ) барнома, Изҳороти таъсиррасонӣ, ҷузъҳо ва чорабиниҳои он бо унсурҳои дахлдори НТ робитаи зич доранд. Ин кафолат медиҳад, ки ҳамаи чорабиниҳои пешниҳодшуда ба фаъолиятҳо ё зерфаъолиятҳои барнома ба таври возеҳ мувофиқат мекунанд ва аз ин рӯ, ба доираи нақшаи корӣ ворид карда мешаванд (на ҳамчун як унсури «иловагӣ» ё дуюмдараҷа).

- **Принсипҳои роҳнамо барои семинарҳои омӯзишии фарогир ва ташаббусҳои баланд бардоштани иқтидор.** Барои таъмини он ки эҳтиёҷоти занон ҳангоми гузаронидани семинарҳои омӯзишии барномавӣ ва расонидани хизматрасониҳои машваратӣ ба таври мувофиқ қонеъ карда шаванд, GIZ ва Ташкилотҳои иҷрокунандаи (ТИ) барнома ба якчанд принсипи асосӣ такя мекунанд, ки ниёзҳои занонро дар ҷараёни ҷалби ҷонибҳои манфиатдор таъкид менамоянд. Инҳо дар бар мегиранд:

- Интихоби маконе, ки қулай ва бехатар аст.
- Интихоби вақт, рӯз ва давомнокии вохӯрӣ тавре, ки ба уҳдадориҳои мавҷудаи хонаводагӣ ё истеҳсолӣ халал нарасонад.
- Дар ҳолати имконпазир, омӯхтани имконоти расонидани кумак ё фароҳам овардани шароит барои нигоҳубини кӯдак дар макон.
- Ба инобат гирифтани афзалиятҳои забонӣ ва сатҳи саводнокӣ ҳангоми таҳияи даъватномаҳо ва маводи омӯзишӣ.
- Дар даъватномаҳо ба таври возеҳ таъкид намудани аҳаммияти иштироки занон дар семинарҳои омӯзишӣ ва дигар чорабиниҳои муҳим, дар баробари ҳамтоёни марди онҳо ё ҳамчун намояндагони хонавода.

4.2 Шарҳи буҷети НЧМГ

Тақсимоти захираҳо ва буҷет, ки дар НЧМГ дар поён оварда шудаанд, аз унсурҳои зерин иборатанд:

Ҷадвали 8: Маълумот оид ба гендерӣ ва Нақшаи амал оид ба фарогирӣ8

Хатти буҷет	Маблағ	Тафсилот / асосноккунӣ
Кормандони барнома, ки дорои таҷриба дар масъалаҳои гендерӣ мебошанд, аз ҷумла мушовири минтақавии КЭИ, мушовири минтақавии Мониторинг ва арзёбӣ 3 мушовири миллии КЭИ/Мониторинг ва арзёбӣ ва шахсони масъули марказии гендерии GIZ дар сатҳи кишварҳо.	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва мониторингу арзёбӣ): 50% КЭИ минтақавӣ 20% Мониторинг ва арзёбӣ минтақавӣ 30% КЭИ/Мониторинг ва арзёбӣ миллӣ Шахсони масъули иловагӣ оид ба КЭИ ва гендер дар дохили ТИ Нуқтаҳои марказии КЭИ ва гендерии иловагӣ дар дохили ТИ	Ин арзишҳо фоизи вақтеро, ки ин коршиносони гуногун барои назорат ва/ё анҷом додани амалҳои дар НЧМГ зикршуда ҷудо мекунанд, ба назар мегиранд.
Фаъолиятҳои вобаста ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ дар доираи семинарҳои омӯзишӣ ва барномаҳои баланд бардоштани иқтидор.	10% маблағи умумии буҷети омӯзишҳо, таҳкими иқтидор ва семинарҳо барои чорабиниҳои НЧМГ таъин карда мешавад.	Ин сатри буҷет маблағҳоеро ифода мекунад, ки барои фаъолиятҳои марбут ба масъалаҳои гендерӣ дар доираи омӯзишҳо, баланд бардоштани иқтидор ва семинарҳо дар тамоми ҷузъҳо ҷудо шудаанд. Ин маблағ ба хароҷоти кормандони масъули масъалаҳои гендерӣ, ки дар боло номбар шудаанд, илова мегардад ва дар доираи буҷети асосӣ ҷойгир аст.
Уҳдадориҳои ТИ оид ба таъмини захираҳо ва буҷет		НЧМГ инчунин якчанд чораеро дар бар мегирад, ки ба доираи масъулияти ТИ дохил мешаванд.Созишномаҳои грантӣ мавҷудияти кормандони махсусро оид ба масъалаҳои гендерӣ ва КЭИ пешбинӣ намуда, 10 фоизи буҷетро барои фаъолиятҳои баланд бардоштани иқтидор, машғулиятҳои омӯзишӣ ва семинарҳо ҷиҳати татбиқи НЧМГ дар тамоми фаъолиятҳои барнома ҷудо мекунанд.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

4.3 Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (НЧМГ)

Ҷадвали 9: Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (сатҳи таъсир)9

Изҳороти таъсиррасонии НЧМГ: Баланд бардоштани иқтидори занон ва ҷавонон барои вокуниш ба таъсироти тағйирёбии иқлим дар бахшҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар самтҳои истифодаи замин (КХҶДИЗ) тавассути дастрасии фарогир ба маблағгузорӣ, омӯзиш ва технологияҳо, тавонмандсозии мақсаднок ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва фароҳам овардани шароитҳое, ки ба ҷалби занон ва ҷавонон ба амалияи КХҶДИЗ мусоидат мекунанд.				
Нишондиҳандаи асосии натиҷа	**Ҳадаф (бевосита)**	**Ҳадаф (бавосита)**	**Муҳлати иҷро**	**Тахминҳо ва қайдҳо**
Занони баҳрабардор, ки дастрасии онҳо ба манбаъҳои даромад, амнияти озуқаворӣ ва имкониятҳои иқтисодии марбут ба истифодаи замин беҳтар гардидааст.	KG: 143,055 TJ: 215,184 UZ: 169,676	KG: 217,342 TJ: 169,018 UZ: 358,156	Анҷоми барнома (Соли 7)	Ин нишондиҳанда шумораи пешбинишудаи занону духтаронеро инъикос мекунад, ки бо роҳи фароҳам овардани дастрасии хонаводаҳо ба таҷрибаҳои устувор ба иқлим ва дорои партовҳои ками вобаста ба истифодаи замин, аз ин барнома манфиат мегиранд (мувофиқ ба Нишондиҳандаи асосии ARA1 2). Ҳисобҳо аз рӯйи шумораи гектарҳо барои як намуди заминистифодабарӣ, андозаи миёнаи хоҷагиҳо ва меъёри қабули пешбинишуда барои муайян кардани шумораи истифодабарандагони замин асос ёфтаанд. Пас аз он, ин рақамҳо бо истифода аз таносуби ҷинсии муқарраршудаи ҳар як кишвар аз рӯйи ҷинс тақсим карда мешаванд. Ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаҳои сатҳи ҷузъҳои дар поён овардашуда, ки ба ҳадафҳои зергурӯҳҳои асосии системаҳои истифодаи замин (аз қабили занони деҳқони хурд, роҳбарони зан ва кооперативҳои таҳти роҳбарии занон ва ҷавонон) тамаркуз мекунанд, фарқ мекунад.
Тағйирёбии сифати иштироки пурмазмун ва таъсиррасонии занон ба қабули қарорҳо вобаста ба интихоб, маблағгузорӣ, татбиқ ва идоракунии таҷрибаву технологияҳои УИПК дар доираи муассисаҳои дастгиришаванда ва миёни баҳрабардорони ниҳоӣ.	Ҳадди ақал 60%-и занони ширкаткунанда баҳои 2 ё баландтар ва ҳадди ақал 30% баҳои 3 мегиранд	Т/Д	Анҷоми барнома (Соли 7)	Занон дастрасиро ба фазои фарогири қабули қарорҳо, иттилоот, захираҳои молиявӣ ва донишҳои техникӣ нигоҳ дошта, метавонанд бидуни маҳдудиятҳои муҳими иҷтимоӣ, вобаста ба нигоҳубин, рафтуомад ё бехатарӣ дар барнома иштирок намоянд. Ин нишондиҳанда таъсири воқеии занонро (на танҳо ҳузури онҳоро) бо истифода аз ҷадвали чорхолӣ чен мекунад, яъне: 0 = иштирок накардан; 1 = машварат; 2 = қабули қарорҳои муштарак; ва 3 = роҳбарӣ ва таъсири устувор. Арзёбӣ дастрасӣ ба иттилоот, қобилияти изҳори ақида ва нигарониҳо, таъсир ба қарорҳои марбут ба УИПК ва назорат аз болои захираҳои алоқамандро фаро мегирад. Натиҷаҳо дар марҳилаи ибтидоӣ ва ҳар сол тавассути APR тавассути мусоҳибаҳои махфӣ, гурӯҳҳои фокусӣ ва сабти қарорҳо арзёбӣ гардида, аз рӯйи кишварҳо тақсим карда мешаванд.

Манбаъ: таҳияи муаллиф

Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ дар сатҳи фаъолият

Мутобиқи се компоненти асосии барнома, бо тамаркуз ба тадбирҳои вобаста ба гендерӣ ва фарогирии иҷтимоӣ сохта шудааст.

Ҷадвали 10: Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (сатҳи фаъолият)10

Рамз	Фаъолияти барнома / зерфаъолият[4]	Амал / чора	Нишондиҳанда	Хатти асосӣ	Ҳадаф	Муҳлати иҷро	Талаботи тақсимоти буҷет / захираҳо[5]	Субъект(ҳои) масъул
Компоненти 1: Принсипҳо ва равишҳои ҳассос ба гендер, ки ба раванди банақшагирии миллӣ ва зермиллии вобаста ба иқлим, инчунин ба платформаҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ ворид карда шудаанд.								
1	Фарогир (барои ҳамаи компонентҳо мувофиқ аст)	Таъмини иштироки пурмазмуни занон дар семинарҳои омӯзишӣ ва чорабиниҳои барномавӣ.	% иштирокчиён, ки занон мебошанд	0	30%	С: 1-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: GIZ, ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC
2		Таъмин карда шавад, ки назорат аз болои тамоми мундариҷаи семинарҳои омӯзишӣ аз ҷониби коршиноси махсуси барнома оид ба КЭИ сурат гирад.	%-и семинарҳо ва машғулиятҳои омӯзишӣ таҳти назорати КЭИ	0	100%	С: 1-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ
3		Воридсозии иттилооти дастрас оид ба пешгирӣ ва гузоришдиҳӣ вобаста ба ИЗОҶ (истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ) ба чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ, равандҳои ба самтгирии баҳрабардорон нигаронидашуда, омӯзишҳо ва семинарҳо.	Фоизи фаъолиятҳои дахлдор, ки иттилооти ИЗОҶ ва МБШ-ро дар шаклҳои мувофиқи маҳаллӣ пешниҳод мекунанд.	0	100%	С: 1-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ, ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC

[4] Агар зиёда аз як фаъолият/зерфаъолият номбар шуда бошад, шарҳи робитаи байни зерфаъолиятҳо нишон дода мешавад.
[5] Барои маълумоти бештар оид ба хароҷоти НЧМГ дар доираи фаъолиятҳои барнома ба Ҷадвали 8 муроҷиат кунед.

							Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	
4		Гузаронидани машваратҳои даврӣ бо занон ва дигар гурӯҳҳои эҳтимолан осебпазир дар бораи он ки оё иштирок дар барнома, сафар, омӯзиш, фаъолияти саҳрой ва тартиботи гузоришдиҳӣ бехатар ва дастрас мебошанд (бидуни дархости ифшои тафрибаи шахсии ИЗОҶ).	Шумораи баррасиҳои махфӣ оид ба бехатарӣ ва дастрасӣ.	0	Ҳар сол ҳадди ақал 1 маротиба дар як кишвар	С: 1-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: GIZ, ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC
5	Фарогир (барои ҳамаи ҷузъҳо мувофиқ аст)	Таъмини баррасии шикоятҳои вобаста ба зӯроварӣ дар заминаи гендерӣ ва ИЗОҶ тавассути Механизми баррасии шикоятҳо (МБШ) бо дарназардошти ҳассосияти гендерӣ ва фарҳангӣ ва ҳифзи махфияти шикояткунандагон ва ҷабрдидагон.	Фоизи ҳодисаҳои зӯроварии гендерӣ ва ИЗОҶ, ки гузориш ва баррасӣ шудаанд.	0	100% ҳодисаҳои ИЗОҶ ва зӯроварии гендерӣ, ки тавассути МБШ гузориш дода шудаанд, ба таври мувофиқ баррасӣ мешаванд.	С: 1-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: GIZ, ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC
6	1.1.1.5	Ҷалби шахсони масъули гендерӣ/иҷтимой-иқтисодӣ аз вазоратҳои марбут ба КХҶДИЗ барои иштирок дар фаъолиятҳои баланд	%-и семинарҳои омӯзишӣ оид ба банақшагирии иқлим бо иштироки шахсони масъули гендерӣ/иҷтимой-иқтисодӣ	0	50%	С: 1-3	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба	ТИ: GIZ

		бардоштани иқтидори банақшагирии асосёфта ба иқлим					муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	
7	1.1.1.6	Дохил кардани модул оид ба ҷорӣ намудани мутобиқати гендерӣ дар банақшагирии огоҳона аз иқлим ҳамчун як мавзуи ҳатмӣ дар марказҳои таълимӣ	Модули таълимӣ таҳия шудааст.	0	1 модули таҳияшуда (ки барои ҳар як кишвар мутобиқ карда мешавад)	С: 1-3	Машварати маҳаллӣ 8,367.03 евро (ба буҷети фаъолият барои 1.1.1 дохил карда шудааст)	ТИ: GIZ
8	1.1.2	Таъмини намояндагии: i) шахси масъули гендерӣ аз вазорати дахлдори КХҶДИЗ; ё ii) вазорати дахлдори соҳавӣ бо салоҳият оид ба масъалаҳои гендер ё занон дар платформаҳои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ барои бахши КХҶДИЗ	Намояндаи ваколатдори гендерӣ барои ҳама платформаҳои ҳамоҳангсозии миллӣ ва гурӯҳҳои кории техникӣ таъин шудааст.	0	1 намоянда барои ҳар як мақоми дахлдор дар сатҳи миллӣ	С: 1-3	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ
9	1.3.1.1	Таҳияи модули ҳатмӣ оид ба маблағгузории фарогири иқлимӣ ва механизмҳои маблағгузории ҳассос ба гендер барои маводи таълимии ба муассисаҳои молиявии (ММ) давлатӣ ва хусусӣ нигаронидашуда. Ин таҳияи модулҳои гуфтушунид ва назорати дороиҳоро дар бар мегирад, то занон бо малакаҳои мустақилона идора намудани фоидаи тиҷоратӣ муҷаҳҳаз гарданд.	%-и семинарҳои омӯзишии ММ, ки мундариҷаи мушаххаси гендериро дар бар мегиранд	0	100%	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ
10	1.3.1.1	Муайян ва таҳлили таҷрибаи пешқадам оид ба моделҳои фарогири маблағгузории иқлим, ки барои бахши КХҶДИЗ мувофиқанд ва айни замон аз ҷониби бонкҳо ва барномаҳои	Нақшаҳо ва абзорҳои молиявие, ки дар ҳар як кишвар харитасозӣ шудаанд	муайян карда шавад 0	1 харитасозии молиявӣ барои ҳар як кишвар	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер	ТИ: GIZ

		ҳар як кишвар истифода мешаванд.					ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	
11	1.3.1.2	Тавонмандсозӣ ва таъини менеҷерони бахши кор бо занон / коршиносони қарзии бонкҳо дар дохили муассисаҳои молиявии интихобшуда (агар чунин вазифа вуҷуд надошта бошад, корманди мавҷуда омӯзонида мешавад) мувофиқи зерфаъолиятҳои дахлдор.	Шумораи кормандони босалоҳият бо масъулиятҳои таъиншуда оид ба кор бо занон. .	0	1 нафар ба ҳар як муассисаи молиявӣ	С:2-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ
12	1.3.2.2	Дастгирии дастрасии бештар ё таъсиси механизмҳои маблағгузории дастрас барои занон ва ҷавонон.	Кумаки техникӣ ба ММ-ҳои ватанӣ барои муайян кардан, васеъ ё такрор кардани маҳсулоти бомуваффақияти молиявӣ барои занон ва ҷавонон.	0	100% ММ интихобшуда	С: 3-6	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати байналмилалӣ 10,800 евро (ба буҷети фаъолият барои 1.3.2 дохил карда шудааст)	ТИ: GIZ

							Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	
Компоненти 2: Тавсеаи иштироки занон ва ҷавонон дар банақшагирии мутобиқшавӣ, таҳрибаҳо ва технологияҳои истифодаи замин.								
13	2.1.1.2	Ҷалби занон ба раванди тасдиқи муниципалитетҳои мақсаднок.	%-и намояндагии занон дар шӯрои нозирони ноҳия	0	40 %	С: 1	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: ARIS, CIIP, NCECC
14	2.1.2.1 2.1.2.2 2.2.1.3 2.2.2.3	Таҳияи арзёбиҳои иқлимии ҳассос ба гендер, нақшаҳои амали КХҶДИЗ, нақшаҳои идоракунии истифодаи замин ва сармоягузорӣ бо амалҳои муайяншудаи вобаста ба гендер.	%-и арзёбии иқлим аз рӯйи ҳассосият ба гендер, нақшаҳои амали КХҶДИЗ, нақшаҳои идоракунии замин ва сармоягузорӣ	0	100%	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати байналмилалӣ: 28,800 евро (ба буҷети фаъолият барои 2.1.2 ва 2.2.1	ТИ: ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC

							дохил карда шудааст) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	
		Таъмини намояндагии шахсони масъули гендерии сатҳи вилоятӣ/ноҳиявӣ дар платформаҳои қабули қарорҳо барои равандҳои банақшагирии мутобиқсозии КХҶДИЗ.	Намояндагии шахси масъули гендерӣ дар форумҳои қабули қарор.	0	1 шахси масъули гендерӣ барои платформаи қабули қарорҳо дар сатҳи вилоят/ноҳия.	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC
15	2.2.1.1 2.2.2.1	Ворид намудани мундариҷаи марбут ба масъалаҳои гендерӣ ба маводи таълимӣ.	Мундариҷаи омӯзишии гендерӣ таҳия гардид.	0	Мундариҷаи асосӣ дар давоми муҳлат омода мешавад.	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати байналмилалӣ: 19,800 евро (ба буҷети фаъолият барои 2.2.1 дохил карда шудааст)	ТИ: ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC

							Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	
16	2.2.1.5 2.2.2.4 2.3.1.3 2.3.1.5	Дохил кардани мундариҷаи марбут ба гендер ва ҷавонон ба барномаҳои омӯзишӣ ва фаъолиятҳои дастгирии кумаки техникӣ (КТ).	%-и дастгирии омӯзиш ва КТ, ки мундариҷаи дахлдори занон ва ҷавононро ба барномаҳои омӯзишӣ дохил мекунад.	0	100%	С: 2-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC
17	2.2 2.3	Ташвиқи қабули қарорҳои фарогир оид ба истифодаи замин, сиёсати одилонаи моликияти замин ва дигар мавзуъҳои марбут ба баробарии гендерӣ дар ҷараёни банақшагирӣ, омӯзиш ва пешниҳоди кумаки техникӣ (КТ) дар системаҳои хоҷагии ҷангал, чарогоҳ ва кишоварзӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ	%-и дастгирии банақшагирӣ, омӯзиш ва КТ, ки мундариҷаи истифодаи одилонаи замин ва дигар мавзуъҳои марбут ба баробарии гендериро дарбар мегирад	0	100%	С: 2-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: ARIS, MoWRAPI, CIIP, NCECC

		ва ҳассосияти мардон нисбат ба ин масъалаҳо равона шудааст..					Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	
18	2.3.1.6 2.3.3.1	Таъмини дастгирии мақсадноки рушди соҳибкорӣ ва омодагӣ ба сармоягузорӣ барои хоҷагиҳои хурди деҳқонии занон ва ҷавонон, гурӯҳҳои истеҳсолӣ, кооперативҳо ва корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар занҷирҳои арзиши иловашуда, ки тавассути фаъолияти 2.3.1.5 муайян шудаанд.	%-и хоҷагиҳои деҳқонӣ ё корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар доираи фаъолияти 2.3.3.1 дастгирӣ мегиранд ва аз ҷониби занон ё ҷавонон роҳбарӣ мешаванд.	0	20%%	С: 2-7	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Машварати маҳаллӣ: 9,600 евро (ба буҷети фаъолият барои 2.3.1 дохил карда шудааст) Хароҷоти иловагӣ ба буҷети ҳар як Созишномаи грантӣ дохил карда мешаванд	ТИ: MoWRAPI, CIIP, NCECC
19	2.3.2.1	Таъмини он ки тарҳрезӣ, такрорӣ ва миқёсгирии лоиҳаҳои суръатбахши ҷорӣ намудани технологияи кишти бешудгор дар Ҷумҳурии Қирғизистон	Тадбирҳои ҳассос ба гендер ҳангоми такрор ва миқёсгирии лоиҳаҳои суръатбахши технологияи кишти бешудгор дар ҶҚ таҳия шудаанд.	0	Тадбирҳои ҳассос ба гендер ба ҳамаи лоиҳаҳои нав ё васеъшуда дохил карда мешаванд.	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба	ТИ: GIZ

		тадбирҳои вобаста ба гендериро дарбар гиранд.					муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 7.500 евро (барои татбиқи НЧМГ) Машварати маҳаллӣ: 96,000 евро (ба буҷети фаъолият барои 2.3.2 дохил карда шудааст)	
20	2.3.2.1	Шартномабандӣ бо хадамоти машваратии кишоварзӣ бо тафрибаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати дастгирии занон дар Гурӯҳҳои кишоварзии муҳофизатӣ ва занони деҳқон.	Тафрибаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор барои таъини хадамоти машваратии маҳаллӣ дохил карда шудааст.	0	Нишондиҳанда дар муҳлати муқарраршуда ба даст оварда шудааст.	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ
Компоненти 3: Мубодилаи самараноки донишҳои минтақавӣ оид ба тафрибаҳои банақшагирии истифодаи замин, маблағгузорӣ ва идоракунӣ бо назардошти масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ.								
21	3.1.1.5	Кафолати даъват ва ташвиқи намояндагони зан аз ташкилотҳои мақсаднок барои иштирок дар семинарҳои омӯзишии дурнамосозӣ.[6]	Таносуби иштироки мардон ва занон дар ҳамаи семинарҳои омӯзишии ин мавзуъ	0	70:30	С: 3-4	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ

[6] Ҷавонон аллакай тавассути фаъолияти алоҳидаи барнома фаро гирифта шудаанд: 3.1.1.6

							Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	
22	3.1.2.1	Кафолати даъват ва ташвиқи занон ва ҷавонон барои иштирок дар ҷаласаҳои банақшагирии сенария.	Таносуби иштироки мардон ба занон/ҷавонон дар ин семинарҳои омӯзишӣ	0	70:30	С: 2-3	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ
23	3.2.1.1	Кафолати даъват ва ташвиқи намояндагони зан аз созмонҳои мақсаднок барои иштирок дар чорабиниҳои мубодилаи дониш.	Таносуби иштироки мардон ва занон дар чорабиниҳои мубодилаи дониш	0	70:30	С: 2-6	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ
24	3.2.1.1	Дохил кардани мундариҷа дар бораи нақши занон ва ҷавонон дар банақшагирӣ ва татбиқи амалҳои иқлимӣ дар бахши КХҶДИЗ ба чорабиниҳои мубодилаи дониш.	Шумораи чорабиниҳои минтақавӣ, ки ба масъалаҳои гендер, иқлим ва КХҶДИЗ тамаркуз мекунанд	0	Мавзуъҳои марбут ба гендер ва ҷавонон қисми ҳамаи чорабиниҳои мубодилавӣ мебошанд.	С: 2-6	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро	ТИ: GIZ

							Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	
25	3.3.1	Таъмини назорат ва саҳми коршиносони КЭИ ва/ё гендерии барнома дар ҷараёни тарҳрезӣ ва бунёди иқтидори институтсионалии платформа.	Дастгирии коршиноси КЭИ ва/ё гендерӣ ҳангоми тарҳрезӣ ва таъсиси платформа.	0	Нишондиҳанда дар муҳлати муқарраршуда ба даст оварда шудааст.	С: 2	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ
26	3.3.2.2	Кафолати даъват ва ташвиқи намояндагони занон ва ҷавонон ба маъракаҳои иттилоотӣ оид ба таҳия ва татбиқи нақшаҳои мутобиқшавӣ ба иқлим.	Таносуби иштироки мардон ва занон дар ин дастгирии КТ	0	Ҳадди ақал 70:30	С: 3-4	Кормандони GIZ (мутахассисони минтақавӣ ва миллӣ оид ба муҳофизат, гендер ва Мониторинг ва арзёбӣ) 355,676.68 евро Машварати маҳаллӣ 22.500 евро (барои татбиқи НЧМГ)	ТИ: GIZ

Манбаъ: таҳияи муаллиф

5. Татбиқи барнома

Ин боб муайян месозад, ки ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва гендерӣ дар сатҳи барнома, мутобиқи натиҷаҳои АТМЗИ ва чаҳорчӯбаи коҳиш додани таъсироти онҳо, чӣ гуна амалӣ карда мешаванд. Он принсипҳои умумиеро, ки идоракунии хатарҳо ва татбиқи фарогири барномаро дар тамоми ҷузъҳо ва кишварҳо танзим мекунанд, баён месозад. Ин принсипҳо як чаҳорчӯбаи муттасили барномаро таъмин намуда, ҳамзамон имкон медиҳанд, ки татбиқи онҳо ба хатарҳо ва шароитҳои мушаххаси дар АТМЗИ муайяншуда мутобиқ гарданд.

Боби мазкур Арзёбии гендерии сатҳи барнома, Нақшаи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ ва фарогирӣ (НЧМГ) ва чораҳои коҳиш додани таъсиротро, ки дар АТМЗИ ва санадҳои марбута пешбинӣ шудаанд, пурра месозад, вале такрор намекунад. Тадбирҳо ва амалҳои мушаххас минбаъд дар сатҳи ҷузъҳо ва фаъолиятҳо, аз ҷумла тавассути НЧМГ ва чораҳои кам кардани таъсир дар асоси АТМЗИ, шарҳ дода мешаванд.

5.1 Равиши ҳамгироии гендерӣ

Барнома муносибати гендериро дар тамоми ҷузъҳо истифода мебарад, ки ба натиҷаҳои АТМЗИ асос ёфта, бо уҳдадориҳои институтсионалии GIZ оид ба баробарии гендерӣ ва фарогирӣ мувофиқат мекунад. Ин муносибат эътироф менамояд, ки таносуби гендерӣ дастрасӣ ба захираҳо, манбаъҳои даромад, қабули қарорҳо ва устувориро дар системаҳои КХҶДИЗ ташаккул медиҳад ва хатарҳои тағйирёбии иқлим метавонанд нобаробариҳои мавҷударо боз ҳам шадидтар гардонанд, агар барои бартараф кардани онҳо чораҳои фаъол андешида нашаванд.

Дар сатҳи барнома ҳамгироии гендерӣ ба принсипҳои ба ҳам алоқаманди зерин такя мекунад:

- Таъмини дастрасии одилона барои занон ва мардон тавассути кафолати он, ки равандҳои барномавӣ, машваратҳо ва тадбирҳо дастрасу фарогир бошанд ва монеаҳои мавҷударо барои иштирок ва тақсимоти манфиатҳо бештар накунанд. Таваҷҷуҳи махсус ба занон, ҷавонон ва дигар гурӯҳҳое дода мешавад, ки метавонанд дар дастрасӣ ба замин, молия, хизматрасониҳо ва мақомоти қабули қарорҳо бо маҳдудиятҳои сохторӣ рӯ ба рӯ шаванд.
- Таъмини манфиатҳои ҳассос ба гендер тавассути тарҳрезӣ ва татбиқи барномаҳое, ки ба эҳтиёҷот, нақшҳо ва афзалиятҳои мухталифи дар АТМЗИ ва Арзёбии гендерӣ муайяншуда ҷавобгӯ мебошанд. Ин ба таври фаъол коҳиш додани хатарҳои тақсимоти нобаробари манфиатҳо, оқибатҳои номусоиди меҳнат ва дар канормонии иҷтимоиро дарбар гирифта, ҳамзамон дастрасии одилонаро ба манфиатҳои мутобиқшавӣ ва коҳишдиҳанда дастгирӣ мекунад.
- Тақвияти овоз, намояндагӣ ва фарогирии институтсионалӣ тавассути дастгирии равандҳои муштарак ва фарогири вобаста ба истифодаи замин мутобиқ ба иқлим ва идоракунии захираҳои табиӣ ва манбаъҳои даромад мутобиқ ба шароитҳои мушаххас ва хатарҳои арзёбишуда. Дар ҳолати имконпазир, барнома кӯшиш мекунад, ки ба натиҷаҳои дигаргунсозанда тавассути ҳалли маҳдудиятҳо ва номутавозунии қудрат, ки ба иштирок ва таъсири занон халал мерасонанд, саҳм гузорад.

Якҷоя ин принсипҳо натиҷаҳои барномаро дастгирӣ намуда, ба рушди устувор ва тобовар ба иқлим саҳм мегузоранд ва ҳамзамон бо хатарҳо ва шароитҳои амалиётии дар АТМЗИ муайяншуда мутаносиб боқӣ мемонанд.

5.2 Механизми баррасии шикоятҳо, воситаҳои ҳимоя ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор

5.2.1 Механизми баррасии шикоятҳо

Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар доираи барнома ба он равона шудааст, ки нигарониҳо пеш аз табдил ёфтан ба шикоятҳои расмӣ ба таври фаъол муайян ва ҳал карда шаванд. Бо вуҷуди ин, дар сурати ба миён омадани шикоятҳо, онҳо ҳамчун як қисми татбиқи барнома ба таври пайваста, шаффоф ва санҷишшаванда баррасӣ мегарданд.

Мутобиқи АТМЗИ, Механизми мушаххаси баррасии шикоятҳо (МБШ)-и барнома барои қабул ва мусоидат ба ҳалли нигарониҳо, арзу шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор вобаста ба фаъолиятҳои барнома таъсис

дода мешавад. МБШ дастрас, аз ҷиҳати фарҳангӣ мувофиқ ва ба эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла занон ва дигар гурӯҳҳои эҳтимолан осебпазир ё дар канормонда, ҷавобгӯ буда, бидуни талаби пардохти маблағ ё хавфи таъқиб фаъолият хоҳад кард. МБШ-и ҳассос ба гендер ва ба ҷабрдидагон нигаронидашуда монеаҳоеро, ки ба таври номутаносиб ба занон таъсир мерасонанд, аз байн мебарад, протоколҳои дақиқи махфиятро дарбар мегирад, забон, сатҳи саводнокӣ ва маҳдудиятҳои ҳаракатро ба инобат мегирад, якчанд роҳҳои бехатари муроҷиатро фароҳам меорад, кормандони омӯзонидашударо оид ба баррасии шикоятҳои гендерӣ ҷалб мекунад, муҳлати мушаххаси иҷро дорад ва дорои механизми муносиби бозгашт ба равандҳои мавҷудаи арзёбии хатарҳо ва нақшаҳои идоракунӣ мебошад.

МБШ ба системаҳои васеътари кафолатҳо, риояи қоидаҳо ва якпорчагии GIZ ворид карда шуда, шикоятҳои марбут ба, аз ҷумла шароити меҳнат ва кор, дастрасӣ ба имтиёзҳо, равандҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва нигарониҳои муҳофизатӣ, аз ҷумла ИЗОҶ-ро фаро мегирад. Механизмҳои назоратӣ кафолат медиҳанд, ки шикоятҳо ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд, сари вақт баррасӣ гарданд ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои такмил додани идоракунии мутобиқшаванда истифода шаванд.

5.2.2 Раванди муҳофизатӣ

Таъмини кафолатҳои муҳофизатӣ (safeguarding) унсури калидии татбиқи барнома ба шумор рафта, тавассути Системаи кафолатҳо ва идоракунии гендерии GIZ ва чораҳои коҳиш додани таъсир, ки дар АТМЗИ муайян шудаанд, амалӣ карда мешавад. Ин системаи ҳамгирошуда хатарҳои экологӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон ва гендериро дар як чаҳорчӯбаи ягона баррасӣ намуда, дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқи барнома истифода мегардад.

Барнома эътироф мекунад, ки фаъолиятҳое, ки ҷалби ҷамоатҳо, тадбирҳои меҳнатталаб ва кор бо аҳолии осебпазирро дарбар мегиранд, агар ба таври муносиб идора карда нашаванд, метавонанд боиси ба миён омадани хатарҳои муҳофизатӣ гарданд. Аз ин рӯ, чораҳои муҳофизатӣ ба пешгирӣ, муайян кардани хатар ва вокуниши муассир тамаркуз намуда, ба идоракунии барнома, механизмҳои татбиқ ва уҳдадориҳои шартномавӣ ворид карда шудаанд.

Нақшҳо, масъулиятҳо ва хатсайрҳои гузоришдиҳӣ оид ба масъалаҳои муҳофизатӣ ба таври возеҳ муайян карда шудаанд, то кафолат дода шавад, ки нигарониҳо дар тамоми давраи татбиқи барнома сари вақт ба миён гузошта ва ҳаллу фасл мегарданд.

5.2.3 Идоракунии хатарҳои ИЗОҶ

Барнома эътироф менамояд, ки истисмор, зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ (ИЗОҶ/SEAH) дар шароите, ки дар он фаъолият мекунад, хатари ҷиддиро ба бор меорад, алахусус дар он ҷойҳое, ки фаъолиятҳо тадбирҳои меҳнатталаб, ҷалби ҷомеа ва ҳамкорӣ бо аҳолии эҳтимолан осебпазирро дарбар мегиранд. Ин хатарҳо дар АТМЗИ муайян ва арзёбӣ карда шуда, тавассути равиши ҳифз ва идоракунии хатарҳои барнома ҳаллу фасл мегарданд.

Дар вокуниш ба ин, барнома равиши «зарар нарасондан» (do-no-harm) ва ба ҷабрдидагон нигаронидашударо ҷиҳати пешгирӣ, муайянсозӣ ва идоракунии хатарҳои ИЗОҶ, ки тавассути Системаи кафолатҳо ва идоракунии гендерии GIZ амалӣ мегардад, қабул менамояд. Ин равиш ба пешгирӣ, масъулиятшиносӣ ва дастрасии бехатар ба механизмҳои гузоришдиҳӣ ва вокуниш дар тамоми давраи татбиқи барнома диққати махсус медиҳад. Тадбирҳои идоракунии хатарҳои ИЗОҶ ба ҳамаи муносибатҳои марбут ба барнома, аз ҷумла онҳое, ки шарикони иҷрокунанда, пудратчиён ва кормандони барномаро ҷалб мекунанд, татбиқ мешаванд.

Идоракунии хатарҳои ИЗОҶ тавассути унсурҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- Тадбирҳои пешгирикунанда, аз ҷумла татбиқи кодексҳои рафтор, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар байни шарикони иҷрокунанда ва кормандон, инчунин ҳамгироии мулоҳизаҳои марбут ба ИЗОҶ дар банақшагирии барнома, танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва равандҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор.
- Татбиқи огоҳона аз хатар, ки кафолат медиҳад, ки фаъолиятҳо тавре тарҳрезӣ ва амалӣ мешаванд, ки дучоршавӣ ба хатарҳои ИЗОҶ-и дар АТМЗИ муайяншударо ба ҳадди ақал расонанд, аз ҷумла хатарҳои марбут ба номутавозунии қудрат, шароити корӣ ва ҳамкориҳои байни фаъолони барнома

ва баҳрабардорон.

- Механизмҳои бехатари гузоришдиҳӣ ва вокуниш, ки тавассути Механизми баррасии шикоятҳои махсуси барнома дастгирӣ мешаванд, ки гузоришдиҳии махфӣ ва ҳассос ба гендерро дар бораи нигарониҳои марбут ба ИЗОҶ имконпазир сохта, роҳҳои мувофиқи вокуниш ба ҷабрдидагонро фароҳам меорад.

Хатарҳои ИЗОҶ дар баробари самаранокии чораҳои коҳишдиҳӣ, ҳамчун як қисми назорати васеътари кафолатҳои барнома ва равандҳои идоракунии мутобиқшаванда назорат карда мешаванд, то итминон ҳосил шавад, ки хатарҳои пайдошаванда сари вақт ва ба таври мутаносиб муайян ва ҳал карда мешаванд.

5.2.4 Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор

Ҷонибҳои манфиатдор шахсони алоҳида ё гурӯҳҳое мебошанд, ки бевосита ё бавосита аз фаъолиятҳои барнома таҳти таъсир қарор мегиранд, инчунин онҳое, ки метавонанд ба натиҷаҳои барнома таъсир расонанд. Ҷалби самараноки ҷонибҳои манфиатдор барои идоракунии хатарҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва дастгирии татбиқи фарогир ва устувори барнома муҳим аст.

Мутобиқи АТМЗИ, ҷалби ҷонибҳои манфиатдор тавассути Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор роҳнамоӣ карда мешавад, ки ба хатарҳои барнома мутаносиб буда, ба хусусиятҳои ҷамоатҳои таҳти таъсир қарордошта ва гурӯҳҳои манфиатдор мутобиқ карда шудааст. Равандҳои ҷалб фарогир ва ҳассос ба гендер буда, иштироки пурмазмуни занон ва мардонро дар заминаҳо ва сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар сатҳи миллӣ, зермиллӣ ва ҷомеа таъмин менамоянд.

Андешаҳо ва фикру мулоҳизаҳои ҷонибҳои манфиатдор дар тамоми давраи татбиқи барнома ҳуҷҷатгузорӣ ва баррасӣ шуда, дар раванди мониторинги кафолатҳо, баррасии шикоятҳо ва идоракунии мутобиқшаванда истифода мешаванд, ки ба шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самаранокии барнома мусоидат мекунанд.

6. Адабиёт

